# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

АПРЕЛ-ИЮНИ 2017

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Манучеҳр Асоев,** иқтисодчӣ
**Давлаҳмад Гадоев,** коршинос
**Эдвин ван дер Удераа,** эксперт
**Рукмина Сафарова,** иқтисодчӣ
**Сарбоз Фаррухзода,** бонкдор




ҚАДАМИ УСТУВОР БА СӮИ ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАҲОН 13

«БАНКИ ДОЛЖНЫ СТАТЬ ТАКИМИ ЖЕ ЦИФРОВЫМИ, КАК ИХ НОВЫЕ КОНКУРЕНТЫ» 41

ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ – СТРАТЕГИЯИ МУЪТАМАДИ БОНКИ МАРКАЗӢ 21

## Сарбаландии мо дар иттиҳоду ваҳдати мост!

БОНКДОРОНИ ТОҶИК СТАНДАРТҲОИ IFSB-РО МЕОМӮЗАНД 58

КИШВАРИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР ВА БОНКҲОИ ПЕШРАФТА 36



**“Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату ҷомеа, сарчашмаи ташаббусҳо ва захираи тиллоии миллату давлат ҳастанд”.**

Эмомалӣ Раҳмон

СОЛИ ҶАВОНОН

2017

# ДАР ИН ШУМОРА


3 | СУЛҲИ ТОҶИКОН ТАҶАССУМИ ОЛИИ МАЙЛУ ИРОДАИ МАРДУМИ СУЛҲПАРВАР ВА ХИЗМАТИ ТАЪРИХИИ ХАЛҚИ ҚАҲРАМОНИ ТОҶИК АСТ

13 | ҚАДАМИ УСТУВОР БА СӮИ ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАҲОН

Бо мизбонии Бонки миллии Тоҷикистон рӯзҳои 24-28 апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Ҷаласаи понздаҳуми Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти . . .

21 | ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ – СТРАТЕГИЯИ МУЪТАМАДИ БОНКИ МАРКАЗӢ

Заминаи муҳими ҳадафгирии таваррум – дараҷаи мустақилияти бонки марказӣ (миллӣ) дар татбиқи сиёсати монетарӣ мебошад.

26 | ЗИ ДАСТИ БОНУВОН ГАРДАД ГУЛИСТОН, ТОҶИКИСТОН

Агар дар семоҳаи аввали соли 2016 занҳои роҳбар 8,3%-и шумораи умумии бонувонро ташкил дода бошад, пас дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2017 ин нишондиҳанда ба 10,9% баробар шуд.

36 | КИШВАРИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР ВА БОНКҲОИ ПЕШРАФТА

Бо вуҷуди он ки аксар вақт Ҳиндустонро ҳамчун як давлати камбағал нишондод менамоянд, аммо ин кишвар то . . .








46 | НИЗОМИ БОНКӢ ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Барои бехтар намудани фаъолияти низоми бонкӣ ва таъмини рушди устувори он дар солҳои минбаъда дар назар аст тадбирҳои зарурӣ андешидаю мавриди амал қарор дода шаванд . . .

52 | МАҚСАДИ ИДОРАИ МОҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МУШТАРИЁНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

Мақсадҳои стратегии ташаккули низоми нисбатан самараноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ . . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ




«БАНКИ ДОЛЖНЫ СТАТЬ ТАКИМИ ЖЕ ЦИФРОВЫМИ, КАК ИХ НОВЫЕ КОНКУРЕНТЫ» 41



26 | ЗИ ДАСТИ БОНУВОН ГАРДАД ГУЛИСТОН, ТОҶИКИСТОН



**58 | БОНКДОРОНИ ТОҶИК СТАНДАРТҲОИ БОНКДОРИИ ИСЛОМИРО МЕОМӮЗАНД**

Мутахассисони низоми бонкии кишвар зимни баргузории ин давраи омӯзишӣ мавзӯъҳои асосҳои бонкдории исломӣ, заминаи маблағгузории исломӣ ва амалиётҳои бонкии исломӣ . . .

**61 | ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН**

Асосҳои пайдоиши ипотека шартнома оид ба амволи гарави ғайриманқул мебошад, ки бо чунин шартҳо мутобиқат мекунад: «...як тараф – гаравгир . .

**41 | «БАНКИ ДОЛЖНЫ СТАТЬ ТАКИМИ ЖЕ ЦИФРОВЫМИ, КАК ИХ НОВЫЕ КОНКУРЕНТЫ»**

Блокчейн — это фундаментальная технология, которая должна изменить всю цепочку создания ценности в банках и страховых компаниях . .

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
2 (77) АПРЕЛ-ИЮН, 2017

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф.Ҳамрализода, Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 315 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# СУЛҲИ ТОҶИКОН ТАҶАССУМИ ОЛИИ МАЙЛУ ИРОДАИ МАРДУМИ СУЛҲПАРВАР ВА ХИЗМАТИ ТАЪРИХИИ ХАЛҚИ ҚАҲРАМОНИ ТОҶИК АСТ

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни Ваҳдати миллӣ дар варзишгоҳи навбунёди шаҳри Ваҳдат

## ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ! ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!

Дар ин лаҳзаҳои идона кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзиамон, хурду бузурги сокинони шаҳри Ваҳдат ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро ба ифтихори ҷашни бистумин солгарди ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар як фарди Ватан сулҳу осоиш ва бахту саодат орзу менамоям.

Ин санаи воқеан таърихӣ барои халқи азизи мо бисёр муҳим мебошад, зеро он давлати ҷавону соҳибистиқлоли тоҷиконро аз хатари нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳо намуд ва ибтидои раванди барқарорсозии харобиҳои ҷанги таҳмилӣ ва созандагии Ватани маҳбубамон гардид.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки сулҳи тоҷикон таҷассуми олии майлу иродаи мардуми сулҳпарвари мо, яъне хизмати таърихии халқи қаҳрамони тоҷик мебошад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зарфи бист соли баъди имзои Созишномаи сулҳ роҳи пурифтихорро тай намуд ва зарур аст, ки сабақҳои ин корномаи таърихӣ ба наслҳои имрӯзаву оянда ҳамчун раҳнамои зиндагӣ омӯзонида шаванд.

Мо аз рӯзҳои аввал давлатдориро аз паёми сулҳ оғоз намудем ва ин сиёсатро ба хотири оромиву осоиши кишварамон, хушбахтиву сарбаландии халқи азизамон ва наслҳоиояндаи мардумамон минбаъд низ идома медиҳем.

Ваҳдати миллии тоҷикон ганҷи бебаҳоест, ки бо ранҷу машаққати зиёд ва гузашта аз он, дар натиҷаи ҷонбозиву қурбониҳои ҳазорон нафар фарзандони фидоии миллат ба даст омадааст.

Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки барои татбиқи ғояҳои ваҳдати миллӣ ва пойдории он талош карда, бо мақсади эҳёву пойдории арзишҳои миллӣ ва тавсеаи тафаккури давлатдории миллиамон, ки асоси пешрафти Тоҷикистони азиз мебошад, сарҷамъона кору фаъолият намоем.

Боиси ифтихору сарбаландист, ки ба шарофати истиқлолият ва сулҳу суботи комил мо ба марҳалаи рушди устувор ворид гардидем ва ҳоло барои рӯзгори орому осуда ва заҳмати созандаи мардуми сарбаланди тоҷик, инчунин, баргузории ҳама гуна чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ шароити мусоид

фароҳам омадааст.

Натиҷаи заҳмати содиқонаи мардуми шарифамон аст, ки имрӯз шаҳру ноҳияҳои мамлакат мунтазам тараққӣ карда, ободу зебо мешаванд ва муҳимтар аз ҳама, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ торафт беҳтар мегардад.

Шаҳри Ваҳдат низ аз баракати соҳибистиқлолӣ ва кору фаъолияти ватандӯстонаи сокинонаш хеле обод шуда, имрӯз ба як маркази пешрафтаи кишоварзиву саноатӣ табдил ёфтааст.

Соли 1997-ум ҳаҷми даромади буҷети шаҳр ҳамагӣ 360 ҳазор сомониро ташкил дода буд ва ин нишондиҳанда соли 2016-ум ба 117 миллион сомонӣ баробар гардидааст.

Яъне дар зарфи 20 сол буҷети шаҳри Ваҳдат 328 баробар афзоиш ёфтааст.

Ҳамзамон бо ин, амалисозии барномаҳои давлатӣ имкон דод, ки дар шаҳри Ваҳдат соҳибкориву сармоягузорӣ рушд ёфта, шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамасола афзоиш дода шавад.

Агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 1997-ум 11 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас ин рақам соли 2016-ум ба 243 миллион сомонӣ баробар гардидааст.

Танҳо дар се соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳр 41 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра дар шаҳри Ваҳдат ба маблағи беш аз 3



миллиард сомонӣ 24 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту технологияҳои муосир, аз ҷумла Корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори истеҳсолии солонаи 1 миллиону 200 ҳазор тонна семент ва Корхонаи истихроҷу холискории тиллои «Покрӯд» ба истифода супорида шуда, ҳазорон нафар сокинон соҳиби ҷойи кори доимӣ гардидаанд.

Инчунин, мувофиқи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ мегардад, ки тавассути ташкили корхонаҳои нави саноатӣ коркарди васеи ашёи хом ба роҳ монда шуда, иқтидори истеҳсолии шаҳр тақвият бахшида шавад.

Амалисозии тадбирҳои пешбинишуда имкон медиҳад, ки дар оянддаи наздик шаҳри Ваҳдат ба яке аз шаҳрҳои асосии саноативу аграрии мамлакат табдил дода шавад.

Сокинони шаҳри Ваҳдат ва деҳқонони асили он дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан, парвариши меваю сабзавот ва ташкили гармхонаҳо,ниҳолпарвариву боғдорӣ, чорводориву парандапарварӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҷрибаву шуҳрати зиёд доранд.

Танҳо соли 2016 дар шаҳри Ваҳдат ба маблағи 560 миллион сомонӣ истеҳсол шудани маҳсулоти кишоварзӣ, ки нисбат ба соли 2000-ум 30 баробар зиёд мебошад, тасдиқи ин гуфтаҳост.

Илова бар ин, дар шаҳр корҳои созандагӣ мунтазам вусъат гирифта, танҳо дар доираи омодагӣ ба таҷлили 20 - солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ бунёди чандин корхонаҳои нави коркард, мактабу муассисаҳои хизматрасонӣ, варзишгоҳи замонавӣ барои 25



ҳазор ҷойи нишаст ба анҷом расонида шуд.

Пешрафти соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маорифу тандурустӣ дар маркази таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар шаҳри Ваҳдат барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва хизматрасониҳои тиббӣ ҳамасола тадбирҳои судманд амалӣ гардонида мешаванд.

Ба истифодаи мардум супоридани беморхонаи бисёрсоҳавӣ, марказҳои муосири саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ, инчунин, азнавсозии беморхонаи ҷумҳуриявии бемориҳои сил аз ҷумлаи ҳамин тадбирҳо мебошанд.

Инчунин, чандин осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо таъмиру таҷдид гардида, бо қарори Ҳукумати мамлакат мавзеи Ромит минтақаи сайёҳӣ эълон карда шуд.

Дар доираи иҷрои чорабиниҳои пешбинигардида ояндаи наздик шаҳри Ваҳдат ба яке аз мавзеъҳои муҳимми сайёҳӣ табдил хоҳад ёфт.

Бо дарназардошти ин ҳама, таҷлили бистумин солгарди ҷашни ваҳдати миллӣ дар шаҳре, ки ба ифтихори санаи барои халқамон таърихӣ, яъне ваҳдати миллӣ номгузорӣ шудааст, барои ҳамаи ҳамватанон, бахусус, сокинони заҳматқарину сарбаланди он басо рамзӣ ва боиси ифтихор мебошад.

## ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорам, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард.

Ҳар як фарди бонангу номус ва огоҳи ҷомеа бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолияту озодӣ омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат мебошад ва вазифаи ҳамаи мост, ки ба хотири ҳифзу тақвияти ин муқаддасоти миллӣ пайгирона кӯшиш намоем.

Бо мақсади таҳкими боз ҳам бештари ин дастовард зарур аст, ки мафҳумҳои истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ ба ғояи ҳамешагии созанда ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ табдил дода шаванд.

Зеро ин мафҳумҳо дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор сохтанд ва ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояҳои наҷотбахш корҳои бузурги ободкориву созандагиро ба анҷом расонад ва барои наслҳои оянда як кишвари ободу зебоpo ба мерос гузорад.

Марҳалаи начандон тӯлонии таърих собит сохт, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, ватандӯсту ватанпарвар

ва сулҳпарвару таҳаммулгаро буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи пешрафтаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд.

Дар робита ба ин, ҳамаи мо - мардуми Тоҷикистон вазифадор ҳастем, ки дастовардҳои бузурги таърихӣ – истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллиро гиромӣ дорем, эҳтиёт кунем,ояндабину дурандеш бошем, Ватани маҳбубамонро чун модари азизи худ дӯст дорем.

Ҳар як шаҳрванди кишвар, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, ҷаҳонбинӣ ва ақидаи сиёсии худ, бояд дарк намояд, ки ҳам рушди минбаъдаи ҷомеа ва ҳам умеду орзуи ӯ танҳо дар сурати пойдории сулҳу субот, истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ амалӣ шуда метавонад.

Имрӯз мо шоҳиди воқеаҳои даҳшатноку фоҷиаборе мебошем, ки дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон идома доранд.

Бар асари торафт вусъат гирифтани фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ хатари аз байн рафтани баъзе давлатҳо ба воқеият табдил ёфта, ҳатто дар кишварҳои пешрафта ҳодисаҳои даҳшатноки террористӣ рух дода истодаанд.

Мушоҳидаи аҳволи одамоне, ки барои зинда мондани худ ва фарзандонашон аз баҳри манзили зист ва Ватани хеш гузашта, ба давлатҳои амну ором фирор мекунанд ва дар ин роҳ ҳазорон нафари онҳо қурбон мешаванд, ҳар як шахси солимфикрро ба андеша водор месозад.

Ҷиҳати ҳифзи амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, таҳкими минбаъдаи истиқлолияту озодӣ, ваҳдати миллӣ ва таъмин намудани пешрафту ободии Ватани азизамон дарки дурусти манфиатҳои милливу давлатӣ, шаъну шараф ва ғурури ватандорӣ бисёр муҳим мебошад, яъне ҳисси баланди миллӣ ва ифтихор аз шаҳрванди Тоҷикистон будан ба ҳайси омили меҳварии муттаҳидсози ҷомеа дар зеҳну шуури ҳар як шахс бояд нақши муассир дошта бошад.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки дар шароити бисёр мураккабу печидаи ҷаҳони муосир мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба дасисаву фиреби ҳар гуна нерӯҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем ва мардумро ба номи истиқлолияту озодӣ ва пешрафти ояндаи Ватанамон муттаҳиду сарҷамъ нигоҳ дорем.

Ман бо халқи сарбаланд ва бунёдкори Тоҷикистон ифтихор менамоям ва эътимоди комил дорам, ки бо дастгирии мардуми соҳибмаърифатамон мо ҳама гуна мушкилоти рӯзгорамонро бартараф мекунем, нияту нақшаҳои неки оғозкардаамонро бо заҳмати аҳлонаву содиқона амалӣ мегардонем, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва пешрафти кишвари соҳибистиқлоламонро таъмин менамоем.

Итминон дорам, ки муттаҳидиву ягонагӣ ҳамчун сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик, пешрафти давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон ҳамеша муқаддасу бегазанд ва пойдору устувор мемонад ва роҳи моро ба сӯи татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсоз равшан месозад.

Шубҳае нест, ки дар амри ободонии Ватани маҳбубамон ва таҳкими иттиҳоду ҳамбастагии миллати бостониамон сокинони бонангу номус ва сарбаланду заҳматпешаи шаҳри Ваҳдат минбаъд низ пешсаф ва намуна хоҳанд буд.

Бори дигар ҷашни фархундаи ваҳдати миллиро ба халқи азизи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд, муборакбод гуфта, орзумандам, ки сулҳу субот дар кишвари маҳбуби мо ҷовидон бошад!

Бигзор, хуршеди сулҳу ваҳдат ва дӯстиву бародарӣ дар фазои Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол ҳамеша нурафшонӣ намояд!

Бигзор, ваҳдату ягонагии халқи куҳанбунёд ва сулҳпарвару тамаддунсози тоҷик то абад поянда бод!

**Ҷашни ваҳдати миллӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

**www.president.tj**

## > > МУАРРИФИИ РОҲБАРИ ДАФТАРИ БАТР ДАР ТОҶИКИСТОН



Зимни баррасии масоили рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ноиби якуми Президенти БАТР, роҳбари гурӯҳи хизматрасонии муштариён ҷаноби Филипп Беннетро, ки бо ташрифи расмӣ ба ҷумҳурии мо омадааст, хайрамақдам гуфт.

Ҷ. Нурмаҳмадзода аз ҳамкориҳои зич ва дастгирии БАТР дар давраи буҳронӣ изҳори миннатдорӣ баён намуда, ҷиҳати тавсеа бахшидани муносибатҳои тарафайни минбаъда дар самти низоми бонкии кишвар, аз ҷумла беҳтар кардани вазъи низоми бонкӣ, саҳмгузорӣ дар маблағгузории соҳибкории хурду миёна, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва амсоли инҳо сухан кард. Таъкид карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар барномаҳои БАТР, ки дар дохил ва берун аз кишвар доир мегарданд, тавассути мудири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар БАТР - Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев фаъолона ширкат варзида, тамоми масоили мавҷударо дар хусуси низоми бонкии кишвар мавриди пешниҳод ва баррасии БАТР қарор медиҳад.

Дар идома Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳи намояндагони БАТР-ро ба масъалаи маблағгузорӣ ва татбиқи барномаҳои пешбининамудаи ХБА ҷиҳати дастгирии низоми бонкии кишвар ҷалб намуда, барои равона шудани онҳо ба дастгирии соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, инчунин устувор гардонидани сиёсати монетарӣ ва ғайра ибрози андеша намуд.

Дар ҷараёни мулоқот ноиби якуми Президенти БАТР ҷаноби Филипп Беннетт ҷиҳати тавсеа бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба бахусус дар қисмати рушди низоми бонкии Тоҷикистон омодагии ташкилоти худро баён намуд. Номбурда оид ба ислоҳот дар низоми бонкии кишвар, сармоякунонии бонкҳои муаммодор, фишорҳои бухронӣ ба низом, ҳалли масоили бонкҳо, аз ҷумла мушкилоти андозӣ сухан ронда, барои боз ҳам рушд додани ҳамкориҳои тарафайн дар низоми бонкии кишвар пешниҳоду машваратҳои ҷолиб манзур намуд.



Сипас, ҷаноби Филипп Беннетт роҳбари нави намояндагии доимии БАТР дар Тоҷикистон хонум Айтен Рустамоваро, ки ба тозагӣ интихоб шудааст, ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон муаррифӣ намуд. Номбурда изҳори боварӣ кард, ки минбаъд низ ҳамкориҳо байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкӣ идома ва рушд хоҳанд ёфт.

Дар мулоқот инчунин Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва як қатор роҳбарони сохторҳои калидии БМТ ширкат варзида, зимни баррасии масоили ҳамкорӣ фикру андешаҳои худро баён намуданд. Ноиби якуми Президенти БАТР ҷаноби Филипп Беннетро дар воҳӯрии мазкур Директори минтақавӣ оид ба Осиёи Марказии БАТР Нил Маккейн, Директори минтақавӣ оид ба Русия ва Осиёи Марказии БАТР Наташа Ханженкова ва мушовири Ноиби якуми Президенти БАТР Агнежка Лукасик ҳамроҳӣ карданд.

**“БТҶ”**

## > > БА ҶСП “БОНКИ ОСИЁ” ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2017 мутобиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Бонки Осиё”

барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Тибқи қарори зикршуда иҷозатномаҳои ЧСП БС “Конт” барои иҷрои амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ аз 27 июли соли 2011 ва барои иҷрои амалиёти кассавӣ аз 11 январи соли 2012 бозхонд карда шуданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

## > > ТАЛАБОТИ ҚОНУН БОЯД РИОЯ ГАРДАД



Дар ҷаласаи Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо иштироки мудири бахши иттилоотии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳбуба Азимова баргузор шуд, таъкид гардид, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақому мартабаи занро дар ҷомеа баланд бардошта, нисбат ба онҳо ғамхории ҳамаҷониба зоҳир менамоянд.

Зимни сухани ифтитоҳӣ муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова изҳор кард, ки имрӯз тавассути сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занон ва модарон дар ҷомеа мақоми шоистаи худро пайдо кардаанд ва дар вазифаҳои масъулу роҳбарикунанда фаъолият намуда, дар рушду нумуи иқтисоди ҷумҳурӣ саҳми босазо мегузоранд.

Қайд гардид, ки бо дастгирӣ аз дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар Бонки миллии Тоҷикистон занон имрӯз ба ҳайси мутахассисони масъули соҳа, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, мушовири Раис ва Муовини Раис ифои вазифа мекунанд. Агар таркиби ҳайати кормандонро таҳлил намоем, аён мегардад, ки занон аз ҳисоби умумии кормандон дар Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон 32% ва дар низоми Бонки миллии Тоҷикистон 33% -ро ташкил медиҳанд. Дар Бонки миллии Тоҷикистон 35 нафар ё 25%-и кормандони роҳбарикунандаро занон ташкил мекунанд.

Дар робита ба риоя шудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”



иброз карда шуд, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ба таври доимӣ амал менамояд ва барои татбиқи талаботи қонуни мазкур дар байни кормандону роҳбарони воҳидҳои сохторӣ пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳбуба Азимова дар навбати худ иброз дошт, ки татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳифзи арзишҳои аслии фарҳанги миллию эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони кишвар равона гардидааст.

**Хабарнигори “БТҶ”**

## > > ЯПОНСКИЕ МАГАЗИНЫ НАЧНУТ ПРИНИМАТЬ БИТКОИНЫ К ОПЛАТЕ



Один из крупнейших сетевых магазинов электроники в Японии — Big Camera — с 7 апреля начал принимать к оплате биткоины. Об этом сообщает ТАСС.

Компания заключила договор о сотрудничестве с биржей биткоинов bitFlyer, которая помогла разработать систему оплаты. На первом этапе покупатели смогут расплачиваться криптовалютой в двух гипермаркетах, расположенных в токийских районах Юракуте и Синдзюку.

Пока платеж ограничивается суммой в 100 тысяч иен (чуть более 900 долларов). В случае устойчивого спроса на новую услугу торговая сеть изучит возможность введения этой системы и в других магазинах.

1 апреля в Японии вступил в силу закон, наделяющий биткоины и другие криптовалюты статусом платежных средств. При этом японский Совет по аудиторским стандартам планирует подготовить свод условий для обращения криптовалют. На разработку документа, как ожидается, уйдет шесть месяцев.

Биткоин — одна из самых известных криптовалют, она создана на базе блокчейна. Блокчейн (от английского blockchain — блочная цепь) — технология распределенных баз данных, основанная на постоянно продлеваемой цепочке записей. Она устойчива к фальсификации, пересмотру, взлому и краже информации.

## > > ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

Дар ҷаласаи 37-уми Клуби мудирони бонкҳои марказии кишварҳои Осиёи марказӣ, минтақаи Баҳри сиёҳ ва Балкан, ки рӯзҳои 2-4 апрели соли равон дар шаҳри Анталия (Туркия) баргузор гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистонро Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода намояндагӣ намуд.

Иштирокдорони ҷаласаи мазкур масъалаҳои марбут ба густариши ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба масъалаҳои монетарӣ, бонкӣ, молиявӣ, инчунин роҳҳои мусоидат ба рушди устувори низоми молиявию бонкӣ дар кишварҳои аъзои Клуби мудирони бонкҳои марказии кишварҳои зикршуда баррасӣ гардиданд.

Дар назди ҳозирин 13 намояндаи кишварҳои аъзо бо муаррифӣ суханронӣ намуданд, аз ҷумла роҳбари Бонки миллии Тоҷикистон маърӯзаеро таҳти унвони "Рушди кунунии иқтисодиёт" манзури аҳли толор гардонид.

Дар доираи сафари корӣ ба аъзои Клуби мазкур имконияти мусоид фароҳам оварда шуда буд, то тавонанд дар атрофи гузаронидани ислоҳоти низоми бонкӣ, татбиқи самаранoки сиёсати монетарӣ ва роҳҳои бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони молиявию иқтисодӣ бо намояндагони кишварҳои аъзо мубодилаи андеша намоянд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни сафари корӣ бо Раиси Бонки марказии Туркия Мурат Четинкай ва Раиси Бонки миллии Гурҷистон Коба Гвенетадзе воҳӯрӣ анҷом дода, оид ба масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд, бозомӯзии кормандон ва мубодилаи таҷриба муколамаи пурмуҳтаво доир намуд.

Барои маълумот - ба ҳайати Клуби мудирони бонкҳои марказии кишварҳои Осиёи марказӣ, минтақаи Баҳри сиёҳ ва Балкан бонкҳои марказии 25 кишвар, аз ҷумла давлатҳои ИДМ, Осиёи марказӣ, Туркия, Гурҷистон, Исроил, Хитой ва ҷануби шарқи Европа шомил буда, он соли 1988 бо мақсади рушди муносибатҳои ҳамкорӣ байни бонкҳои марказӣ, омӯзиши имкониятҳои ҳамкории техникӣ дар соҳаи низоми бонкӣ ва молия, мубодилаи таҷриба дар самти танзим ва молия таъсис дода шудааст.

**"БТҶ"**

## > > ОРЕШКИН СПРОГНОЗИРОВАЛ РОСТ ДОЛЛАРА ДО 68 РУБЛЕЙ ДО КОНЦА ГОДА



При сохранении нынешних цен на нефть курс доллара в ближайшее время может подняться до 63-64 рублей, к концу года он достигнет 68 рублей. Об этом 6 апреля заявил глава Минэкономразвития России Максим Орешкин, сообщает РИА Новости.

По его мнению, текущий момент очень выгоден для

покупки валюты населением. Орешкин добавил, что в случае сохранения сегодняшнего курса министерство ожидает от Банка России более значительного снижения ставки. Это, в свою очередь, может вызвать укрепление основных валют к рублю.

В ближайших планах Банка России — продолжение скупки валюты для сдерживания укрепления рубля. С 7 апреля по 5 мая финансовое ведомство направит на покупку валюты на внутреннем рынке 69,9 миллиарда рублей. Ежедневный объем закупок составит 3,5 миллиарда рублей. Сумма, направляемая на валютные интервенции, рассчитывается как отклонение нефтегазовых доходов федерального бюджета от ожидаемой величины.

Курс рубля в России является плавающим и не привязанным к каким-либо иностранным валютам. Решение о выпуске рубля в свободное плавание было принято ЦБ в декабре 2014 года, когда был отменен валютный коридор. До этого регулятор тратил золотовалютные резервы на поддержание искусственного курса.

**Lenta.ru**

## > > РОҲАНДОЗИИ ШАКЛИ НАВИ ҲИСОБОТИ АМАЛИЁТҲОИ АМОНАТӢ-ПАСАНДОЗӢ

Мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон бо баргузор намудани семинари омӯзишӣ тарзи таҳия ва пешниҳод намудани шакли нави ҳисоботи омории №1-АП «Ҳисобот оид ба амалиётҳои амонатӣ-пасандозӣ»-ро ба кормандони бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди кишвар омӯзониданд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова дар маросими ифтитоҳи семинар иброз намуд, ки ин навъи ҳисобот тарзи нави пешниҳоди ҳисоботи оморӣ буда, бо мақсади такмил додан ва сода намудани пешниҳоди ҳисоботи оморӣ оид ба амалиётҳои амонатӣ-пасандозӣ дар Тоҷикистон ҷорӣ шудааст. Ба андешаи ӯ, ин шакли ҳисоботи оморӣ бар асоси талаботи ҷаҳони муосир, бинобар такмил ёфтани Дастурамали “Низоми ҳисобҳои миллӣ”, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, Комиссияи Аврупо, Созмони ҳамкориҳои иқтисодии рушд ва Созмони милали муттаҳид пазируфта шудааст, омода гардидааст.

Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳоест, ки ин шакли ҳисоботи омориро роҳандозӣ намудааст ва ин қадами ҷиддиест, ки пешниҳоди оморро барои ташкилотҳои қарзӣ осон менамояд ва мӯҳлати пешниҳоди онро бамаротиб кам мекунад. Тарзи таҳия ва пешниҳод намудани шакли нави ҳисоботи омории №1-АП низ аз шаклҳои ҳисоботии пешина фарқ мекунад.

Бахтиёр Баҳриддинов, сардори Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон гуфт, ки шакли ҳисоботи омории №1-АП «Ҳисобот оид ба амалиётҳои амонатӣ-пасандозӣ» бо мақсади иҷрои стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи Низоми ҳисобҳои миллӣ такмил гашта, минбаъд ҳисоботҳои омории №1-А, №2-ПМ, №9-ФА, №2-ДП ва №3-ГБА-ро аз байн мебарад.

Дар ҷараёни семинар иштирокдорон тарзи омода ва пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-АП «Ҳисобот оид ба амалиётҳои амонатӣ-пасандозӣ»-ро аз худ карда, дар робита ба ин мавзӯъ ба саволҳои худ аз мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон посух гирифтанд.

**Хабарнигори “БТҶ”.**

## > > БАНКОК: МУКОЛАМА ОИД БА МАБЛАҒГУЗОРИИ РУШД

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо даъвати Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ESCAP) ва Вазорати молияи Ҷумҳурии демократии сотсиалистии Шри-Ланка дар Муколамаи 4 оид ба маблағгузории рушд, ки 28-29 апрели соли 2017 дар шаҳри Банкок(Таиланд) баргузор гардид, ширкат варзид.

Дар чорчӯбаи ҳамоиши мазкур мавзуоти ба сиёсати низоми бонкӣ муҳим, аз қабили ҳамкорӣ дар бахши андозбандӣ, маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтор, дастрасии молиявӣ ва маблағгузорӣ барои пешги-

рии тағйири иқлим мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ин мулоқот намояндагони 37 кишвари дунё, аз ҷумла вазирон, таҳлилгарон, олимон, намояндагони доираи бахши хусусӣ, маблағгузорону саҳомони минтақавию фароминтақавӣ, шарикони рушд, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ширкат доштанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз имконияти мусоид бо Дабири кулли Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ESCAP) хонум Шамшод Ахтар мулоқот доир намуда, масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, имтиёзҳои сармоягузорони хориҷӣ, солимгардонии низоми молиявию бонкӣ, ҳамчунин расонидани кумакҳои молиявию техникӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ кард.

Хонум Шамшод Ахтар аз сатҳи ҳамкории Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ESCAP) бо Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, иброз дошт, ки дар ин самт ҳамкории дуҷонибаи судмандро ба роҳ хоҳад монд. Номбурда қайд кард, ки ташкилу гузаронидани барномаи омӯзиширо дар Ҷумҳурии Муғулистон Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ESCAP) ба ӯҳдаи худ хоҳад гирифт.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода пешниҳоди Дабири Кулли Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ESCAP) хонум Шамшод Ахтарро хуш пазируфта, омодагии ҷониби Тоҷикистонро барои тавсеа бахшидани ҳамкорӣ дар самти низоми бонкиву молиявӣ изҳор намуд.

## > > БОЗОРИ БАЙНИБОНКӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

Дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд 23-24 апрели соли равон бо иқдоми БМТ, ширкати бонуфузи "Thomson Reuters company" ва бо иштироки намояндагони Биржаи Москва ва ташкилотҳои қарзии ватанӣ конфронс дар мавзӯи "Бозори байнибонкии асъор ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"баргузор гардид.

Дар ҷараёни конфронс намояндагони ширкату биржаи номбурда дар якҷоягӣ бо мутахассисони низоми бонкии кишвар масъалаҳои марбут ба низоми музоядаҳо, таҳлили фишангҳои бозорӣ, банақшагирӣ ва идоракунии мавқеи асъорӣ дар бозори асъор ва имкониятҳои нави платформаи "Thomson Reuters" - ро муҳокима намуданд.

Дар назди иштирокдорони конфронс намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон оид ба мавзӯъҳои "Асосҳои идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ", "Таҳлили техникӣ, фундаменталӣ ва қурби асъор", "Зарурати батанзимдарории муносибатҳои асъорӣ", "Самаранокии сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон", "Фишангҳои қарзӣ ва бартарияти онҳо барои ташкилотҳои қарзӣ", суханронӣ намуданд.

Дар фуроварди чорабинӣ намояндагони "Thomson Reuters company" ва Биржаи Москва аз ҳамкориҳои судманд арзи сипос намуда, фаъолияти бонкҳои Тоҷикистонро дар бозори байнибонкии асъор хуб арзёбӣ карданд.

**Хабарнигори "БТҶ"**

## > > ГЕРМАНСКИЙ БАНК РАЗВИТИЯ ВЫДЕЛИТ 7 МЛН. ЕВРО

3 мая текущего года в министерстве экономического развития и торговли республики в рамках Программы развития финансовой системы в сельских регионах Таджикистана состоялась церемония подписания Соглашений о предоставлении средств на сумму 7 миллионов евро таджикским микрофинансовым организациям и банкам.

В церемонии подписания Соглашений приняли участие министр экономического развития и торговли страны Негматулло Хикматуллозода, директор представительства KfW в Таджикистане госпожа Кристин Лаабс и представители банков и микрофинансовых организаций.

Следует отметить, что данная программа финансируется Германским банком развития KfW в рамках двустороннего таджикско-германского финансового сотрудничества и предусматривает предоставление Минэкономразвития РТ финансовых средств на сумму минимум 1.25 миллион евро

каждому банку и микрофинансовой организации, прошедшим тщательный предварительный отбор для выдачи субзаймов в национальной валюте.

Партнерские финансовые учреждения по Программе жилищного финансирования будут использовать кредитные средства для финансирования/кредитования частных домохозяйств в сельской местности для покупки, строительства, капитального ремонта и расширения жилищной площади. Одним из ключевых элементов данного проекта является увеличение доступности к жилищным кредитам домохозяйств в сельской местности за счет снижения процентных ставок финансовых учреждений.

Жилищные кредиты будут выдавать МДО «Арванд», МДО «Имон Интернешнл», Банк «Эсхата» и Первый микрофинансовый банк, которые являются участниками данной Программы.

Примичательно и тот факт, что участники Программы будут выдавать жилищные кредиты как за счет средств Программы, так и за счет собственных средств.

**“БТҶ”**

## В БРИТАНИИ РАЗВАЛИЛИСЬ «САМЫЕ БЕЗОПАСНЫЕ» В МИРЕ МОНЕТЫ

Новые монеты Великобритании достоинством в один фунт начали разваливаться почти одновременно с развалом союза Британии и ЕС после Brexit, сообщает The Sun .

Из-за брака в производстве тысячи таких монет покрылись




трещинами и сколами. Самое интересное, что из них выпадает центральный диск с профилем королевы.

Примечательно, что именно эти монеты ранее были представлены как самые безопасные в мире , так как их якобы невозможно подделать.

Тысячи новых монет достоинством в один фунт стерлингов имеют недостатки, и Монетный двор Британии в замешательстве и не знает, сколько всего выпущено бракованных монет.

## ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ БОНКДОРИИ ИСЛОМИРО ТАҶРИБА МЕКУНАНД

Дар доираи лоиҳаи “Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон” аз 16 то 23-уми майи соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон давраи омӯзишӣ дар мавзӯи "Маблағгузории хурд мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ” баргузор шуд. Ин давраи омӯзишӣ бо иштироки Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон С. Икромӣ, Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Усмонзода, мушовири байналмилалии ширкати “Ал-ҳудо”-и Покистон М. Зубайр ва намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар оғоз ёфт.

Ҳадаф аз баргузор намудани ин семинар баланд бардоштани малакаи касбӣ ва таҷрибаи кормандони ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ба роҳ мондани хизматрасонии молиявӣ бар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ барои амалӣ намудани “Барномаи саводнокии касбӣ барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон” ба шумор меравад. Тибқи ин барнома ташкилотҳои қарзӣ бори нахуст хизматрасониҳои молиявиро бар асоси қоидаҳои бонкдории исломӣ барои ҷавонони то 24-сола ва занони то 49-сола, ки хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии барномаи мазкур мебошанд, ба роҳ мемонанд. Хатмкунандагони курсҳои касбомӯзӣ бар асоси ин барнома тибқи қоидаҳои бонкдории исломӣ қарзҳои хурди имтиёзнок дарёфт намуда, фаъолияти соҳибкории худро ташкил медиҳанд.

“Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон” тибқи созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд оид ба дастгирии молиявии хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии ҷавонон ва занон амалӣ мешавад. Ҳадафи ниҳоии ин барнома паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба воситаи баланд бардоштани малакаи касбии шаҳрвандон ва таъмини ҷавонон ва занон бо маблағгузории хурд барои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**“БТҶ”**

afi Alliance for Financial Inclusion

Bringing smart policies to life



# ҚАДАМИ УСТУВОР БА СӮИ ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАҲОН

Бо мизбонии Бонки миллии Тоҷикистон рӯзҳои 24-28 апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Ҷаласаи понздаҳуми Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти оморӣ доир ба дастрасии молиявӣ ва Ҷаласаи даҳуми Гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши таҷриба дар соҳаи стратегияи дастрасии молиявии Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion - AFI) баргузор гардиданд. Дар ин ҷаласаҳо беш аз 70 нафар намояндагони аъзои ин ташкилот ва намояндагони созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор аз 47 давлати узви ин созмони байналмилалӣ ҷамъ омада, масъалаҳои муҳими марбут ба рушди дастрасии молиявиро мавриди барасӣ қарор доданд. Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2011 узви комилҳуқуқи ин созмони байналмилалӣ шуда, фаъолона бо он ҳамкорӣ мекунад.








## ДУШАНБЕ - МИЗБОНИ ИТТИҲОД ОИД БА ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ

Чорабиниҳои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ бори аввал дар Осиёи марказӣ ва он ҳам дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе дар сатҳи баланд баргузор шуданд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, ки раисии ҷаласаи муштараки гурӯҳҳои кории Иттиҳод оид ба дастрасии молиявиро ба зимма дошт, зимни суханронии худ зикр намуд, ки ин ҷаласаҳо барои густариш ва тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои судманд дар доираи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ мусоидат хоҳанд намуд. Ӯ таъкид кард, ки ин чорабиниҳо барои ба даст овардани таҷрибаи ғанӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, баланд бардоштани маърифатнокии молиявӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва бонкдории мобилӣ дар кишварҳои узви Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ имконияти бузург фароҳам месозанд.

Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion) ҳоло ташкилоти ҷаҳониест, ки аъзои он беш аз 120 ниҳодҳои танзимгари соҳаи молия аз 90 кишвари қораи Амрикои ҷанубӣ, Африқо ва Осиё буда, кишварҳои аъзо бо мақсади расидан ба дастрасии молиявии бештар таҷрибаҳои ҳамдигарро омӯхта, аз тадбирҳои муштарак кор мегиранд. Қароргоҳи ин ташкилоти байналмилалӣ дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия воқеъ аст. Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ созмони иттилоотии ҷаҳонии бонкҳои марказӣ ва дигар ташкилотҳои танзимгари молиявии кишварҳои рӯ ба рушд ба шумор меравад, ки ҳар сол ду маротиба бо навбат дар яке аз кишварҳои аъзо ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории худро мегузаронад.

Бонки миллии Тоҷикистон, ки аз соли 2011 узви комилҳуқуқи ин созмон мебошад, дар асоси чунин муқаррарот ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории ин созмонро ин дафъа дар шаҳри Душанбе баргузор намуд.

Норберт Мумба, Муовини Директори иҷроияи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ нақши созмони мазкурро барои расидан ба сатҳи баландтари дастрасии молиявӣ дар кишварҳои аъзо бисёр муҳим арзёбӣ намуд. Ба гуфтаи ӯ, кумак намудан ба кишварҳои аъзо дар амалӣ гардидани сиёсати рушди дастрасии молиявӣ ҳадафи асосии Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ мебошад. Вазифаҳои асосии он - ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, баланд бардоштани маърифатнокии молиявӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, тавсиаи бонкдории мобилӣ ва рушди агентҳои бонкӣ ба шумор мераванд.
Ӯ таъкид кард, ки ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ қадам ба қадам кишварҳоро барои расидан ба ин ҳадаф наздиктар мекунанд:
— “Воҳӯрии муштараки гурӯҳҳои корӣ барои расидан ба мақсадҳои муайяншуда бисёр муҳим ва аҳамиятнок аст, зеро раванди кор бо маълумотҳо ва стратегияи дастрасии молиявӣ







бо ҳам вобастаанд. Иштирокдорон дар Душанбе ба стратегияи татбиқи мавқеияти гурӯҳҳои корӣ ба сиёсати пешбарандаи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ошно мешаванд. Илова бар ин, аъзои он бо вазифаҳои калидии Мақсадҳои рушди устувор (Sustainable Development Goals - SDGs) шинос шуда, роҳҳои чӣ гуна мутобиқ намудани онҳоро бо стратегияҳои миллиашон мавриди омӯзиш қарор медиҳанд."

Зимнан, дар Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ шаш гурӯҳҳои корӣ фаъолият менамоянд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба панҷ гурӯҳи кории он, аз ҷумла, Гурӯҳи кории маблағгузории соҳибкории хурду миёна (SME Finance Working Group), Гурӯҳи кории густариши имконоти истеъмолкунанда ва идоракунии бозор (Consumer Empowerment and Market Conduct Working Group), Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти оморӣ доир ба дастрасии молиявӣ (Financial Inclusion Data Working Group), Гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши таҷриба дар соҳаи стратегияи дастрасии молиявӣ (Financial Inclusion Strategy Peer Learning Group) ва Гурӯҳи кории хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (Digital Financial Servises Working Group) дохил шудааст.

## ТАЪСИРИ БУЗУРГИ ИТТИҲОД БА ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ

Муовини Раиси Бонки марказии Нигерия Ҷозеф Атта гуфт, дастрасии молиявӣ имкон медиҳад баҳо диҳем, ки то кадом андоза тадбирҳои пешгирифтаи марбут ба рушди низоми молия барои беҳтар намудани хизматрасонии молиявии босифат барои тиҷорати хурд ва аҳолӣ мусоидат менамояд. Ба гуфтаи ӯ, фаъолияти муштарак дар ин самт имкон фароҳам месозад, ки дар оянда методологияи ягона барои баҳодиҳии дастрасии молиявӣ ба вуҷуд биёяд.

Минард Моҷика, муовини Раиси Бонки марказии Филиппин, дар бораи равишҳои кори Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ суҳбат кард. Ба гуфтаи ӯ, бо тавсияи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ айни замон дар бонкҳои маркази бештар аз 50 кишвари ҷаҳон идораҳое таъсис ёфтаанд, ки барои коркард ва ҷорӣ намудани методологияи алоқаманд бо баҳодиҳии дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ масъул мебошанд. Вай гуфт, ки дар баробари баҳодиҳии молиявӣ банақшагирӣ низ муҳим аст. Ҳамчунин яке аз масъалаҳои глобалӣ, ки дар назди ниҳодҳои танзимгар истодааст, ин омӯзиши баҳодиҳии натиҷаҳои босамари имконпазир аз ҷорӣ намудани санадҳои меъёрии нав мебошад.

Лаура Карина, намояндаи Бонки марказии Мексика, ҳамоишҳои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявиро беҳтарин маҳал барои табодули таҷрибаи ҳамдигар дар заминаи беҳтар дастрас намудани хизматрасониҳои молиявӣ номид:

— "Дар ин ҷо намояндагони ҳар як кишвари аъзо таҷрибаи худ ва стратегияи марбут ба дастрасии молиявии кишвари худро муаррифӣ мекунад. Дар ҷараёни муаррифӣ агар дар стратегияи манзуршуда камбу-







дие ба назари иштирокдорон намоён шавад, онҳо барои ислоҳи он андешаи худро пешниҳод менамоянд. Аз ҷониби дигар, иштирокдорон ҷанбаҳои хуби стратегияи муаррифишавандаро ё усулҳои ҳалли масъалаҳои соҳаро аз худ мекунанд. Умуман, ба назари ман, Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ин майдони васеъи баҳсу муҳокима барои беҳтару наздиктар намудани хизматрасониҳои молиявӣ мебошад."

Дар ҳамоиши мазкур, Зарринa Одинаева, корманди Бонки ҷаҳонӣ иштирокдоронро бо вазъи дастрасии молиявӣ ва раванди афзоиши саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон ошно кард. Вай гуфт, саводнокии молиявӣ яке аз ҷузъҳои ҳадафи расидан ба дастрасии молиявӣ аст ва бе он наметавон ба натиҷаи дилхоҳ дар самти зикршуда комёб шуд. Вай изҳор дошт, ки дар заминаи саводнокии молиявӣ Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ ва кишварҳои дигар барномаҳои зиёди иттилоотию таблиғотиро татбиқ намуда истодааст. Вай аз ташкилоти қарзии "Имон Интернешнл" мисол овард, ки кормандони он барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар байни аҳолӣ фаъолият менамоянд.

Намояндаи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ Чарлес Марва дар мавзӯи "Тағйиротҳои сиёсати дастрасии молиявӣ дар давлатҳои аъзои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ дар соли 2016. Пешрафт ва навгониҳои аъзои ин ташкилот вобаста ба стратегияҳои миллӣ" баромад намуда, иштирокдоронро бо тағйироти калидии соҳа дар давлатҳои узви Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ шинос намуд. Ба гуфтаи ӯ, аксари аъзои Иттиҳод монеаҳо ва мушкилот дар роҳи афзоиши дастрасии молиявиро тадриҷан паси сар карда, қадам ба қадам пеш меравaнд.

## ДАСТОВАРДҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲАМКОРӢ БО ИТТИҲОД

Рӯзи дуюми ҳамоиш бо муаррифии вазъи дастрасии молиявӣ дар Тоҷикистон оғоз шуд. Кормандони Департаменти мониторинги молиявӣ, Идораи муносибатҳои байналмилалӣ ва Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон бо мавзӯъҳои "Дастрасии молиявӣ дар Тоҷикистон", "Ҳисобот оид ба дастовардҳо ва қадамҳои минбаъда, пешниҳоди хулосаҳои ҷаласаи муштарак бо Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти оморӣ доир ба дастрасии молиявӣ", "Дастовардҳо мутобиқи Эъломияи Майя: мушкилотҳо ва имкониятҳо", "Маълумотҳои гендерӣ. Харитаи роҳнамо оид ба дастрасии молиявӣ", "Стратегияи миллӣ оид ба Дастрасии молиявӣ: мушкилоти татбиқшавӣ ва роҳҳои ҳамоҳангсозӣ" ва "Мақсадҳои баҳодиҳии дастрасии молиявӣ" суханронӣ карданд.

Дар ин рӯз, дар ҳошияи чорабиниҳои Иттиҳоди номбурда вохӯрии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо Муовини Директори Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ Норберт Мумба баргузор гардид. Зимни мулоқот масъалаҳои ҳамкории





Тоҷикистон бо Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ баррасӣ шуданд. Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳори умед кард, ки натиҷаҳои Ҷаласаи 15-уми Гурӯҳи корӣ оид ба маълумоти дастрасии молиявӣ ва ҷаласаи даҳуми Гурӯҳи корӣ оид ба андӯхтани таҷриба дар самти стратегияи дастрасии молиявии Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ барои таҳкими ҳамкориҳои судманд мусоидат хоҳанд намуд.

Норберт Мумба дар навбати худ бо изҳори сипос ба Раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд ташкил намудани ҷаласаҳои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ андешаҳои худро роҷеъ ба дастрасии молиявӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҷалб намудани донорҳо дар самти коркарди Стратегияи дастрасии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2017-2030, афзалият додан ба занҳои соҳибкор, дастгирии соҳибкории хурду миёна баён намуд. Вай омодагии Иттиҳод оид ба дастрасии молиявиро дар самти кумак ба низоми бонкию молиявӣ, татбиқи барномаҳои якҷоя ва дар маҷмӯъ, рушди иқтисодиёти Тоҷикистон эълом кард.

Ҳамкориҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ аз замони шомилшавиаш ба он дар ҳоли тавсиа аст. Ин ҳамкориҳо барои афзоиши имкониятҳои дастрасии молиявӣ ва боло бурдани сатҳи донишу малакаи мутахассисони миллӣ тавассути иштирок дар гурӯҳҳои кории он равона шудааст.

Лола Салимова Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, дар суҳбат бо хабарнигорон фаъолияти ин гурӯҳҳои кориро барои мубодилаи самараноки таҷриба ва афзоиши сатҳи дониш дар соҳаи дастрасии молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, маблағгузории соҳибкории хурду миёна, масъалаҳои таҳияи маълумоти оморӣ оид ба дастрасии молиявӣ ва масъалаҳои дигар муҳим арзёбӣ кард.

Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ бо Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ бо мақсади афзоиши сатҳи дастрасии молиявӣ Қонуни ҶТ "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" –ро қабул кардааст ва ҳамчунин Стратегияи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявиро барои солҳои 2017-2019 таҳия намудааст.

Норберт Мумба, муовини Директори Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ дастовардҳои Тоҷикистонро дар соҳаи дастрасии молиявӣ ситоиш намуда, иброз дошт, ки аъзои Иттиҳод метавонанд, аз ҷунин таҷрибаҳо истифода баранд. Вай аз ҷумла, таъкид намуд, ки пешниҳод ва баррасии минбаъдаи Стратегияи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ барои солҳои 2017-2019 дар байни кишварҳои узви Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ барои расидан ба ҳадафҳо оид ба дастрасии молиявӣ дар Тоҷикистон дар доираи Эъломияи Майя мусоидат хоҳад кард.



## ЭЪЛОМИЯИ МАЙЯ: ҲАДАФ - ДАСТРАСИИ 2 МИЛЛИАРД НАФАР

Қобили қайд аст, ки Эъломияи Майя санади муҳимтарини Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ба шумор меравад ва тамоми фаъолиятҳои ин ташкилот бар асоси он ба роҳ монда мешавад.

Эъломияи Майя соли 2011 дар Форуми сиёсати глобалӣ (GPF) дар Мексика аз ҷониби аъзои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ қабул шудааст. Он як ташаббусеро дар бар мегирад, ки барои амалӣ намудани иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии беш аз 2 миллиард нафар аҳолии дунё, ки ба воситаҳои молиявӣ дастрасӣ надоранд, равона шудааст.

Ин Эъломия дар ҷаҳон аввалин таҳқурсие арзёбӣ мешавад, ки ба муассисаҳои узви Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ имкон медиҳад, то дар доираи он бо ҳадафҳои муайяни расидан ба дастрасии молиявии бештар дар сиёсати иқтисодии кишварҳои худ тағйирот ворид намуда, иттилоот ва таҷрибаи худро аз рафти ин корҳо мунтазам бо ҳам мубодила намоянд.

Хосе Алварес Эскивел, намояндаи Бонки марказии Коста-Рика таъсири ҷаласаҳои Иттиҳод оид ба дастрасии молияviро барои аъзои он бузург арзёбӣ кард:

— "Ҷаласаҳои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ барои табодули таҷрибаи кишварҳои аъзо дар заминаи дастрасии молиявӣ бебаҳоянд. Мо дар ин ҷо бо барномаҳои марбут ба дастрасии молиявии ҳамдигар, тарзи ҷамъоварии маълумотҳо, баҳодиҳии вазъи бозори молия, роҳҳои дастрастар намудани хизматрасониҳои молиявӣ ва равишҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро аз худ мекунем ва дар кишварҳои худ дар кори ҳаррӯза аз онҳо истифода мебарем. Ин ҳама барои афзоиш додани сатҳи дастрасии молиявӣ дар ҷаҳон мусоидат мекунад.

Дар рӯзҳои сеюм ва чоруми ҳамоиш иштирокдорон дар ду гурӯҳ: Гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши таҷриба дар соҳаи стратегияи дастрасии молиявӣ (Financial Inclusion Strategy Peer Learning Group) ва Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти оморӣ доир ба дастрасии молиявӣ (Financial Inclusion Data Working Group) таҷрибаи кишварҳои худро дар самти дастрасии молиявӣ муаррифӣ карданд.

Намояндагони кишварҳои Малайзия - Селина Меган Ли, Сенегал - Амар Сек, Нигерия - Марек Петер, Филиппин - Ҷенни Ромеро, Свазиланд - Номсебо Надебе, Уганда -Макей Аому иштирокдорони ҷаласаро бо таҷрибаи кишварҳои худ оид ба усулҳои доир кардани назарсанҷиҳо ва ҷамъоварии маълумотҳо оид ба дастрасии молиявӣ ошно намуданд.

Аз ҷумла, Ҷенни Ромеро, намояндаи Филипин, зимни муаррифии кишвари худ ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси миллӣ ва фарҳангии аҳолии маҳалиро ҳангоми гузаронидани назарсанҷиҳо ва ҷамъоварии маълумотҳо муҳим шуморид, ки ин андеша аз ҷониби иштирокдорон пазируфта шуд.

Намояндаи Бонки Гана доктор Амедику Сеттор дар мавзӯи таъсири баҳодиҳии дастрасии молиявӣ суханронӣ намуд. Ба андешаи ӯ, барои баҳодиҳии дастрасии молиявӣ бояд сараввал маълумоти ҷамъваришуда саҳеҳ бошад, то ки вазъи бозори молиявӣ дуруст баҳогузорӣ шавад ва барои ҳалли монеаҳои



соҳа тадбирҳои дуруст пеш гирифта шаванд.

Дар Гурӯҳи омӯзиши стратегияи дастрасии молиявӣ иштирокдорон дар бораи корҳои анҷомдода ва стратегияи кишварҳои худ дар самти дастрасии молиявӣ маълумоти арзишманд пешниҳод карданд.

## ТАҶРИБАИ НАМУНАИ ИБРАТИ МАЛАЙЗИЯ

Муаррифии таҷрибаи Малайзия, ки яке аз кишварҳои аъзои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ аст, барои иштирокчиён хеле ҷолиб буд. Малайзия солҳои охир тавонистааст, сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявиро аз марзи муайяншуда ҳам болотар барад.

Зарина Абдураҳмон, намояндаи Бонки марказии Малайзия гуфт, ҳоло сатҳи дастрасии молиявӣ дар ин кишвар ба 97% расидааст, вале дар кишвари вай ба масъалаи дастрасии молиявӣ боз ҳам эътибори ҷиддӣ медиҳанд, то ки сатҳи ба дастомадаи дастрасии молиявӣ коҳиш наёбад:

— “Дар кишвари мо барои беҳтар кардани дастрасии молиявӣ корҳои зиёде анҷом дода мешаванд. Дар ин замина ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ дар ҳоли густариш аст ва ин заминаро барои ба ҳадафи асосӣ расидан осонтар мекунад. Дар соли равон, сомонаи вижа дар бораи дастрасии молиявӣ ба кор шурӯъ кард, ки ташабусҳо, вазъи дастрасии молиявӣ ва маводҳои таҳқиқотиро фаро мегирад. Ҳамчунин мо харитаи пилотиро дар ду штати Майлайзия анҷом додем, ки маълумотҳо дар бораи нуқтаҳои дастрасии молияро дарбар мегирад. Ин дар кори мо як пешравӣ аст. Зеро шаҳрвандон аз тариқи ин харита метавонанд, дар бораи дар куҷо дастрас будани хизматрасониҳои молиявӣ маълумот гиранд. Ҳамчунин соли равон ҷамъоварии маълумотҳо дар бораи суғуртаи дастрасии молиявӣ ва таснифоти онҳо дар назар аст. Инчунин дар Малайзия дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ соли равон симпозиуми ҷаҳонӣ оид ба маблағгузории хурд баргузор мешавад, ки барои боз ҳам беҳтар шудани вазъи дастрасии молиявӣ мусоидат хоҳад кард.”

Ба ҳамин монанд, намояндагони Бонки Мексика Лаура Карина, Бонки Нигерия Питер Олайинка, Бонки Бангладеш Ҳабибур Раҳмон, Вазорати иқтисод ва молияи Сенегал Амадоу Бамба, Бонки Ҷумҳурии Бурунди Симплайз Нзабиумва, Мақомоти монетарии Фаластин Муҳаммад Салус ва намояндаи Бонки марказии Салвадор Отто Родригес стратегияҳои миллии кишварҳои худро оид ба дастрасии молиявӣ муаррифӣ намуданд. Зимни баҳсу пешниҳодҳо ва аз наздик шинос шудан иштирокдорон ба навовариҳо ва таҷрибаҳои кишварҳои аъзо таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар ин ҳамоиш гурӯҳҳои корӣ Нақшаи кории худро барои ҷаласаи 11-уми худ, ки соли равон дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, тартиб доданд.

## ПАНҶ РӮЗИ ПУРСАМАР

Ба ин тартиб, дар давоми панҷ рӯз иштирокдорон стратегияҳои миллии дастрасии молиявӣ ва таъсири баҳодиҳии дастрасии молиявӣ, усулҳо ва таҷрибаи доир кардани назарсанҷиҳо, лоиҳаҳои омода кардани маълумоти омории кишварҳои аъзо, баҳисобгирии шумораи умумии нуқтаҳои да-




страсии молиявӣ, банкоматҳо, кормандони нуқтаҳои дастрасии молиявӣ, мавқеи нуқтаҳои дастрасии молиявӣ дар воҳидҳои маъмурӣ, пайгирии шумораи суратҳисобҳои амонатӣ ва суратҳисоби қарзиро дар кишварҳои аъзо баррасӣ карданд.

Дар хотимаи ин ҳамоиш муовини Директори иҷроияи Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ҷаноби Норберт Мумба бо натиҷагирӣ аз ҷаласаҳои дар Душанбе баргузоршуда гуфт, ки фаъолияти панҷрӯзаи гурӯҳҳои кориро босамар меҳисобад. Вай изҳори умедворӣ намуд, ки натиҷаҳои аз ин ҳамоиш ба даст омада, барои фаъолияти минбаъдаи кишварҳои узви Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ ҳамчун дурнамо хизмат хоҳанд кард.

Номбурда аз номи иштирокдорон ва Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ барои дар сатҳи баланд ташкил намудани ҷаласаҳои Гурӯҳҳои корӣ ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон миннатдорӣ баён намуда, аз роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон даъват намуд, ки дар ҷаласаи навбатии Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ, ки рӯзҳои 13-15 сентябри соли 2017 дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, иштирок намоянд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар ҷамъбасти ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ суханронӣ намуда, изҳор дошт, ки баргузор шудани ҷаласаҳои Гурӯҳҳои кории Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ барои ташкил намудани чорабиниҳои минбаъдаи сатҳи баланди ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ заминаи воқеӣ гузошта, баҳри ба даст овардани таҷрибаи ғанӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, баланд бардоштани маърифатнокии молиявӣ, рушди соҳибкории хурду миёна имконияти васеъ фароҳам хоҳад овард.

**Аслам Мӯминов,**
**"БТҶ"**

# ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ – СТРАТЕГИЯИ МУЪТАМАДИ БОНКИ МАРКАЗӢ

Сараввал бояд тазаккур намоем, ки шурӯъ аз даҳсолаи охири асри XX дар арсаи ҷаҳон дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ё худ сиёсати монетарӣ тағйироти назаррас ба вуқӯъ омаданд. Ин дигаргунӣ дар он ба назар мерасид, ки бисёре аз мамлакатҳо аз сиёсати нигохдории қурби собити асъор (реҷаи хадафгирии қурбӣ) ва ё ҳаҷми пул (реҷаи хадафгирии пулӣ) даст кашида, стратегияи монетарии хос ба таваррум нигаронидашударо, ки феълан хадафгирии таваррум (Inflation targeting, инфляционное таргетирование) ном дорад, пеша карданд.

Дар робита ба ин, кишварҳои зиёди рӯ ба инкишоф низ бо



**Манучеҳр Асоев,** Директори Департаменти сиёсати монитарӣ, тадқиқотӣ ва рушди БМТ

> То инҷониб зиёда аз 30 давлати дунё реҷаи мазкурро амалӣ менамоянд ва шуҳрати он сол то сол зиёд гашта истодааст.

мақсади ҳалли мушкилиҳои мавҷуда ривоҷ додани механизми пешбурди сиёсати фаъоли пулию қарзиро бо истифода аз таҷрибаи муосири мамлакатҳои мутараққӣ ба роҳ монда, бунёд ва татбиқи стратегияи ҳадафгирии таваррумро роҳандозӣ карда истодаанд.

Мусаллам аст, ки интихоби ин ё он режим, низом ва ё стратегияи монетарӣ[1], алалхусус хадафгирии таваррум аз омилхои хоси фундаменталӣ ва макромолиявии мамлакат, дарачаи инкишофи низоми молиявӣ ва хусусиятҳои институтсионалию иҷтимоӣ вобастагии зиёд дорад. Дар ин асно реҷаи ҳадафгирии таваррум тайи 25-30 соли охир худро ҳамчун реҷаи хеле самаранок муаррифӣ кардааст.

Оид ба масъалаи тақвият бахшидани раванди таҳия ва татбиқи сиёсати босамари монетарӣ ҷиҳати гузариш ба реҷаи нави монетарӣ – ҳадафгирии таваррум бо директори Департаменти сиёсати монитарӣ, тадқиқотӣ ва рушди БМТ Манучеҳр Асоев мусоҳибае анҷом додем, ки инак, манзури хонандагон мегардонем.

**– Дар ибтидо лутфан бигӯед, ки Ҳадафгирии таваррум чист ва он чӣ гуна дар амал татбиқ мегардад? Бисёре аз коршиносон ба ин ақидаанд, ки Ҳадафгирии таваррум назар ба идораи қурби асъор як усули пешрафтаи идораи таваррум ва таъмини муътадилии нархҳо дар кишвар мебошад. Шумо дар ин маврид чӣ андеша доред?**

— Реҷаи ҳадафгирии таваррум – низоми муосири сиёсати монетарӣ буда, асосан ҷиҳати таъмини сатҳи муътадили нархҳо ҳамчун мақсади ниҳоӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ равона мегардад. Зеро ки ин мақсад бо рушди мутавозун

ва устувори иқтисодӣ бевосита ҳамбастагӣ дорад. Аз ин бармеояд, ки бонки марказӣ (миллӣ) дар доираи реҷаи мазкур набояд побанди чунин ҳадафҳо, аз қабили нигоҳдории қурби асъор дар як сатҳи муайяншуда, паст кардани сатҳи бекорӣ ё монетизатсияи буҷет бошад. Вай бояд диққати аввалиндараҷаро ба ҳадафи таъмини суботи нархҳо равона созад, зеро ки ин амал маъмулан ваколати асосии бонкҳои марказӣ (миллӣ) мебошад.

Тибқи реҷаи мазкур ва аз руи таснифоти Хазинаи байналмилалии асъор бонки марказӣ расман ва ба таври мушаххас ҳадафи рақамии таваррумро барои давраи миёнамуҳлат эълон менамояд ва ухдадор мешавад, ки бо истифода аз тамоми имконияту тасмимгирии институтсионалии худ ба он ноил гардад. Дар ин ҷо як нуктаи муҳимро бояд қайд кард, ки ҳадафгирии таваррум сатҳи барои иқтисодиёт мақбули таваррумро, ки дар фазои таъсирбахшии сиёсати монетарӣ, яъне давраи миёнамуҳлат (на ин ки кӯтоҳмуддат) бояд нигоҳ дошта шавад, инъикос менамояд. Агар бонки марказӣ (миллӣ) ба ҳадафи муқарраршудаи таваррум ноил нагардад, он гоҳ вай бояд оид ба сабабҳои иҷро нашудани мақсади гузошташуда ҳисобот диҳад ва дар фаъолияти худ тадбирҳоеро андешад, ки сатҳи таваррумро ба ҳадаф наздик намояд.

Ҷонибдорони ҳадафгирии таваррум бартарияти онро дар соддагӣ ва оммафахм будани он, дар идора кардани интизориҳои таваррумӣ бо роҳи пайваста зиёд намудани эътимодноки сиёсати монетарӣ, ки дар воқеъ ба таъмини муътадилии сатҳи нархҳо ва тасмими зиддитаваррумӣ равона гардидааст, арзёби менамоянд. Инчунин, афзалияти ин реҷа дар пешгирии бӯҳронҳои молиявӣ ва бартарафнамоии таконҳои берунӣ, баланд гардидани самаранокӣ ва оммафаҳмии қадамҳои минбаъдаи сиёсати пулию қарзӣ мебошад.

> Бонки марказӣ (миллӣ) татбиққунандаи стратегияи ҳадафгирии таваррум ҳадафи рақамиро дар сатҳи пасти якрақама муқаррар мекунад.

Реҷаи ҳадафгирии таваррум инкишоф ва истифодаи фишангҳои ғайримустақими монетариро дар назар дошта, кишварҳои татбиққунандаи он сиёсати пулию қарзиро, пеш аз ҳама, бо мақсади таъсир расонидан ба меъёрҳои фоизии бозори пулӣ ва тавассути он ба сатҳи талабот ва таваррум роҳандозӣ менамоянд.

Бори нахуст соли 1990 реҷаи мазкурро Бонки марказии Зеландияи Нав мавриди амал қарор дод ва баъд аз он Бонки марказии Канада соли 1991 гузариш ба ҳадафгирии таваррумро расман эълон намуд. То инҷониб зиёда аз 30 давлати дунё реҷаи мазкурро амалӣ менамоянд ва шуҳрати он сол то сол зиёд гашта истодааст.

**— Ин маълумот хеле ҷолиб ва диққатҷалбкунанда аст. Кадом омилҳо бонкҳои марказӣ (миллӣ)-и ин кишварҳоро водор сохт, ки ба реҷаи ҳадафгирии таваррум гузаранд?**

— Дар ин робита, якчанд сабабҳои асосии гузариши мамлакатҳо ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро қайд кардан мумкин аст:

- зарурати пешбурди сиёсати дохилии фаъоли монетарӣ ва пайваста ноил гардидан ба мақсади асосӣ - суботи нархҳо;
- суст гардидани алоқамандии байни ҳаҷми пул ва таваррум ғайри самаранок будани истифодаи пулҳои захиравӣ ба сифати ҳадафи амалиётӣ;
- ғайри мақсаднок будани нигоҳдории қурби доимии асъор бинобар сабаби кам гардидани / будани захираҳои байналмилалӣ ва заифии омилҳои фундаменталӣ;
- рушд ёфтани иқтисодиёт, либерализатсияи гардиши сармояи фаромарзӣ ва пешравии низоми молиявӣ, ки татбиқи реҷаи муосири монетариро тақозо менамояд;
- устуворгардонии мустаки-

лияти бонки марказӣ (миллӣ) ва роҳ надодан ба афзалияти фискалӣ.

**— Дар адабиёти иқтисодию молиявӣ мафҳумҳои ҳадафи таваррум ва дурнамои таваррумро дучор омадан мумкин аст. Ба фикри Шумо мафҳуми Ҳадафи таваррум аз дурнамои таваррум чӣ фарқ дорад?**

— Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки таҳти речаи мазкур ҳадафи таваррум аз дурнамои таваррум фарқ менамояд. Ҳадафи таваррум одатан барои якчанд сол дар як сатҳи доимӣ муқаррар карда шуда, он гоҳ-гоҳ ва тадриҷан вобаста ба тағйирёбиҳои сохторӣ дар иқтисодиёт таҷдиди назар карда мешавад. Дурнамои таваррум бошад, бо дарназардошти вазъи ҷории иқтисодиёт, интизорӣ ва ё пешбиниҳо сатҳи таваррумро дар давраи миёнамуҳлат нишон медиҳад. Дурнамои таваррум метавонад зуд-зуд вобаста ба маълумоти нав оид ба вазъи иқтисодиёт баҳодиҳӣ ва тағйир дода шавад. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дурнамо ҳамчун омили асосии барои пешбурди босамари сиёсати монетарӣ муҳим баромад намуда, он ҳангоми қабули қарор оид ба тағйир додан ё надодани фишангҳои сиёсати монетарӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафи таваррум хизмат мерасонад.

Бонки марказӣ (миллӣ) сатҳи дурнамошудаи таваррумро бо ҳадафи муқарраршуда муқоиса намуда, дар мавриди боло ва ё паст будани дурнамои таваррум аз ҳадаф сиёсати монетариро бо истифода аз фишангҳои фоизӣ тасҳеҳ менамояд, то ин ки дар давраи миёнамуҳлат ба ҳадафи таваррум ноил гардад. Бонки марказӣ (миллӣ) татбиққунандаи стратегияи хадафгирии таваррум ҳадафи рақамиро дар сатҳи пасти якрақама муқаррар мекунад. Ҳамзамон, кишварҳои алоҳида ҳадафи рақамиро бо назардошти ҳудудҳои болоӣ ва поёнии он интихоб менамоянд. Миёни кишварҳои мутараққӣ ҳадафи рақамии таваррум одатан дар доираи 1-3 (2 +/-1) фоиз мукаррар карда шуда, миёни кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад, ин нишондиҳанда то андозае баландтар мебошад.

**— Мусаллам аст, ки барои амалӣ намудани ин ё он мақсад ва нақшаи тарҳрезишуда шарту шароитҳои муайян ва талаботҳои мушаххас бояд роҳандозӣ шаванд. Барои татбиқи босамари речаи ҳадафгирии таваррум кадом талаботҳо бояд иҷро шаванд?**

— Тавре ишора гардид, татбиқи муваффақонаи речаи ҳадафгирии таваррум мавҷуд будани заминаҳои мутобиқи макроиқтисодӣ, институтсионалӣ ва амалиётиро тақозо менамояд. Вале бояд қайд кард, ки дар асл дар ягон кишвари ҳадафгирандаи таваррум дар аввали татбиқ намудани он ҳамаи заминаҳои он пурра иҷро нагардида буданд ва танҳо бо мурури замон татбиқи речаи мазкур ба онҳо барои беҳтар гардониданы иқтидори институтсионалӣ ва техникӣ имконияти васеъ фароҳам овард.

Дар маҷмуъ, заминаҳои асосии стратегияи ҳадафгирии таваррум аз инҳо иборатанд:

**Якум,** бонки марказӣ (миллӣ) бояд барои пурра расидан ба мақсади аввалиндараҷаи сиёсати монетарӣ - таъмини сатҳи муътадили нарххо тасмимгиранда бошад. Вай набояд барои таъмини устувории қурби асъор, сатҳи бекорӣ ё истеҳсолот масъули асосӣ бошад, зеро ҳадафҳои мазкур ҳамчун вазифаи дуюмдараҷаи сиёсати монетарӣ баромад менамоянд. Яъне, таҳти речаи ҳадафгирии таваррум афзалият бояд ба нигоҳдории муътадилии сатҳи таваррум дода шавад.

**Дуюм,** заминаи муҳими ҳадафгирии таваррум – дараҷаи мустақилияти бонки марказӣ (миллӣ) дар татбиқи сиёсати монетарӣ мебошад, ки пеш аз ҳама, дар интихоби мустақилонаи ин ё он қарор, восита ва тарзу усули муқаррар кардани фишангҳоро дар назар дорад. Инчунин, мавҷуд набудани бартарияти фискалӣ, яъне ҳолате ки сиёсати монетарӣ тобеъи талаботҳои молиявии ҳукумат ҷиҳати маблаггузории лоиҳаҳою иншоотҳои давлатӣ мегардад ва ба эмиссияи пул роҳ медиҳад. Ва дар натиҷа бонки марказӣ (миллӣ) наметавонад ба ҳадафи ниҳоии таваррум ноил гардад.

**Сеюм,** бо дарназардошти аҳамияти бузург доштани дараҷаи таъсирнокии сиёсати фоизии бонки марказӣ (миллӣ) ба таваррум, он бо рушд ва вусъатёбии низоми молиявию бонкӣ бевосита алокамандии наздик дорад. Яъне, мавҷуд будани низоми бонкии солим, эътимоднок ва устувор, инчунин бозори байнибонкӣ ва бозори коғазҳои киматноки давлатии хуб фаъолияткунанда барои таъмини самаранокӣ ва таъсирбахшии сиёсати монетарӣ ба маҷмуи талабот ва сатҳи нархҳо бениҳоят муҳим мебошад. Зеро низоми бонкӣ ҳамчун миёнарав, ки тавассути он бонки марказӣ (миллӣ) ба ҳаҷми пул ва қарздиҳӣ дар иқтисодиёт таъсир мерасонад, баромад менамояд. Агар бозорҳои молиявию бонкӣ то андозае тавсеа ёфта бошанд, он гоҳ канали таъсирбахшии меъёрҳои фоизии сиёсати монетарӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафи таваррум босамар мегардад

Чорум, нишондиҳандаи ҳадафшавандаи таваррум механизми мувофиқ ва фаъоли амалиётиро дар татбиқи сиёсати монетарӣ тақозо менамояд. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, бояд алокамандӣ ва самаранокии канали трансмиссионии сиёсати монетарӣ, яъне қобилияти таъсирнокии фишангҳои фоизии монетарӣ ба сатхи таваррум хуб дарк ва таъмин карда шавад. Зеро реҷаи ҳадафгирии таваррум бештар аз таъсирбахшии канали фоизӣ вобастагӣ дошта, ҳадафи ниҳоӣ асосан тариқи ҳадафи амалиётӣ, яъне меъёри фоизии кутоҳмуддати байнибонкӣ идора карда мешавад.

Панҷум, стратегияи пешгӯишаванда (forward-looking) буда, қарор оид ба тағйири мавқеи сиёсати монетарӣ дар асоси дурнамо ба роҳ монда мешавад, ки дар навбати худ аз бонки марказӣ тақозо менамояд, ки он бо моделҳои мувофиқи риёзӣиқтисодӣ ҷиҳати дурнамо намудани сатҳи таваррум муҷаҳҳаз гардонида шуда бошад;

Шашум, дар доираи реҷаи ҳадафгирии таваррум бонки марказӣ (миллӣ) мунтазам ва ба таври фаъол оид ба раванди таҳия ва татбиқи сиёсати монетарӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ба самъи ҷомеа оид ба қарорҳои қабулгардидаи сиёсати монетарӣ, баҳодиҳии раванди таваррум ва дурнамои он шарҳу ҳисоботҳо интишор менамояд. Ин қисмати татбиқи реҷаи мазкур аҳамияти зиёд дошта, дар навбати худ уҳдадории бонки марказиро барои расидан ба хадафи муқарраршуда ва дар ин асно масъулият ва ҳисоботдиҳии онро дар назди ҷомеа талаб менамояд. Зеро ҳисоботдиҳии бонки марказӣ шаффофият ва ба ин васила эътимоднокии сиёсати пешбарандаи монетариро баланд мебардорад. Ҳамзамон, шаффофияти бонки марказӣ эҳтимолияти таъсири омили квазифискалиро, ки мухолифи стратегияи эълонгардидаи ҳадафгирии таваррум мебошад, бартараф менамояд.

**— Шумо алъон дар сӯҳбат оид ба шаффофияти бонки марказӣ чанд сухан гуфтед. Дар ин маврид таҳти мафҳуми шаффофияти бонки марказӣ чиро дар назар доред?**

— Шаффофият, пеш аз ҳама, дар мавзуи феълӣ кушоду равшан эълон намудани нишондиҳандаи мушаххаси ҳадафи таваррумиро дар назар дорад.

Дуюм, ба самъи аҳли ҷомеа расонидани маълумоти возеҳ ва кофӣ, аз ҷумла оид ба ҷанбаҳои асосии таҳия ва татбиқи сиёсати монетарӣ, тағйиротҳо дар сиёсати монетарӣ ва натиҷаҳои он, ки имконияти муайян ва баҳо додани мавқеи сиёсати монетариро аз ҷониби аҳолӣ фароҳам меорад.

Сеюм, пешниҳоди маълумот оид ба эҳтимолияти аз доираи ҳадафи рақамӣ баромадан ё дур шудани сатҳи таваррум, сабабҳои он ва чораҳое, ки бонки марказӣ барои баргардонидани таваррум ба ҷараёни муътадили худ, яъне ба ҳадаф наздик андешида истодааст, мебошад.

**— Ба ибораи дигар гӯем, татбиқи реҷаи ҳадафгирии таваррум дар Тоҷикистон ҳамчун стратегияи оптималии сиёсати монетарӣ ба шумор меравад. Ман фикри Шуморо дуруст дарк кардам?**

— Бонки миллии Тоҷикистон дар навбати худ Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2016-2020 тарҳрезӣ намудааст, ки дар он самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ

ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоии Бонки миллии Тоҷикистон – сатҳи муътадили нархҳо муайян карда шудааст.

Мушкилиҳои асосӣ дар бахши молиявӣ, аз ҷумла меъёрҳои баланди фоизии бозорӣ ва хавфҳои қарзию қурбӣ дар низом, сатҳи зиёди долларикунонӣ, иқтидори маҳдуди низоми молиявӣ ва бозори сармоя, бахусус бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ аз лиҳози муҳлатнокӣ, ҳолибнокӣ ва ҳаҷм, гардиши зиёди пули нақд дар муомилот, сатҳи нисбатан пасти таъминнокии иқтисодиёт бо пул (монетизатсия) ва диверсификатсия надоштани иқтисодиёт низ ҳамчун омилҳои боздорандаи рушди низоми молиявӣ ва самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ба шумор меравand ва ҳалли худро тақозо менамоянд.

Бояд дар хотир дошт, ки дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон барои эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои берунӣ, зарурати андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва тақвият додани механизми сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ба миён омадааст.

Бинобар ин, дар марҳилаи навбатии ислоҳоти низоми бонкӣ ва сиёсати пулию қарзии Тоҷикистон муҳайё сохтани шарту шароити мувофиқ, марҳила ба марҳила ташкилдиҳии фазои мусоид ва заминаҳо барои гузаштан ба

> **"**
> Заминаи муҳими ҳадафгирии таваррум – дараҷаи мустақилияти бонки марказӣ (миллӣ) дар татбиқи сиёсати монетарӣ мебошад.

реҷаи ҳадафгирии таваррум ва амалӣ намудани принсипҳои он пешбинӣ гардидааст.

Барои ташкили фазои мусоид, таҷдид ва ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, барпои инфрасохтори муосири амалиётӣ-молиявӣ, тавсеа додани фишангҳои монетарӣ, дараҷаи таъсирбахшӣ ва механизмҳои амалисозии онҳо, татбиқи сиёсати босамари қурбӣ, андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳавасмандкунии истифодаи бештари пули миллӣ ва паст кардани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт, солиму устувор гардонидани фаъолияти низоми молиявию бонкӣ, беҳтар намудани ҳамгироии сиёсати монетарӣ бо фискалӣ, такмили раванди пешниҳоди ахбор ба омма ва таъмини шаффофияти фаъолият, инчунин иқтидори таҳлилию дурнамосозӣ бояд амалӣ карда шаванд.

Бо боварии том метавон гуфт, ки маҷмӯъи ин тадбирҳо дар ниҳояти кор барои пешбурди самараноки сиёсати пулию қарзӣ, рушди устувори иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум заминаи мусоид фароҳам меоранд.

**Мусоҳиб:**
**А.Қурбонов,**
**"БМТ"**

[1]Дар ин ҷо ва минбаъд дар матн мафҳумҳои реҷа (режим), низом ё худ стратегия ба як маъно оварда мешаванд.

# ЗИ ДАСТИ БОНУВОН ГАРДАД ГУЛИСТОН, ТОҶИКИСТОН

Имрӯз ба ҳамагон аён шуда истодааст, ки нақши зан дар таҳким ва рушди ҷомеа, аз ҷумла рушди иқтисодиёт ва қисми таркибии он низоми бонкӣ хеле назаррас мебошад.

Баланд бардоштани мақому мартабаи зан дар ҷомеа яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар даврони соҳибистиқлолиятӣ як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаҳои ҳукуматӣ қабул шудаанд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №5 аз 03.12.с. 1999 "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 №391 "Дар бораи Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010"; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.04.с.2017 таҳти №158 "Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022" баёнгар ва тасдиқкунандаи гуфтаҳои боло мебошанд.



**Д. Гадоев,** сардори Идораи кормандони БМТ

> Агар дар семоҳаи аввали соли 2016 занҳои роҳбар 8,3%-и шумораи умумии бонувонро ташкил дода бошад, пас дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2017 ин нишондиҳанда ба 10,9% баробар шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон зимни таҳия ва дар амал татбиқ намудани сиёсати кадрии худ супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро сармашқи кори худ намуда, барои мақоми мустаҳкам пайдо кардани занону духтарон дар низоми бонкӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Натиҷаи андешидани тадбирҳои саривақтӣ аст, ки имрӯз бонувон дар ҳайати кормандони низоми бонкии кишвар бидуни муболиға аз ҷумлаи қисмати фаъоли он ба шумор рафта, то 1 апрели соли 2017 шумораашон 5748 нафарро ташкил намуд, ки ин 32,1%-и шумораи умумии кормандонро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 247 нафар дар Бонки миллии Тоҷикистон, 1699 нафар дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва 3802 нафар дар бонкҳои тиҷоратӣ фаъолият менамоянд.

Дар робита ба ин, қайд кар-

**МАЪЛУМОТ** ОИД БА ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР АЗ ҲИСОБИ ЗАНҲО БА 1 АПРЕЛИ СОЛИ 2017

| №т/т | Номгӯи ташкилотҳои қарзӣ | Шумораи умумии кормандон, нафар | аз ҷумла занҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҳамагӣ | | роҳбарикунанда | |
| | | | нафар | % нисбат ба шумораи умумии кормандон | нафар | % нисбат ба шумораи умумии занҳо |
| 1. | Ҷамъ дар низоми бонкӣ | 17880 | 5748 | 32,1 | 627 | 10,9 |
| 2. | Бонки миллии Тоҷикистон | 761 | 247 | 32,5 | 35 | 14,2 |
| 3. | Бонкҳои тиҷоратӣ, ҷамъ | 11745 | 3802 | 32,4 | 391 | 10,3 |
| 4. | Ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҷамъ | 5374 | 1699 | 31,6 | 201 | 11,8 |
| 5. | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 2821 | 933 | 33,1 | 33 | 3,5 |
| 6. | ҶСК "Агроинвестбонк" | 1585 | 533 | 33,6 | 39 | 7,3 |
| 7. | ҶСК "Ориёнбонк" | 997 | 317 | 31,8 | 37 | 11,7 |
| 8. | ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" | 1160 | 523 | 45,0 | 84 | 16,1 |
| 9. | ҶСК "Бонки Эсхата" | 3060 | 790 | 25,8 | 87 | 11,0 |
| 10. | ҶСК "Соҳибкорбонк" | 413 | 133 | 32,2 | 26 | 19,5 |
| 11. | ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 541 | 170 | 31,4 | 25 | 14.7 |
| 12. | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 217 | 85 | 39,2 | 16 | 18,8 |
| 13. | ҶСП "Казкоммертсбонк Тоҷикистон" | 102 | 38 | 37,2 | 9 | 23,7 |
| 14. | ҶСП "Спитаменбонк" | 315 | 85 | 27,0 | 9 | 10,6 |
| 15. | ҶСП "АксесБонк Тоҷикистон" | 268 | 103 | 38,4 | 15 | 14,6 |
| 16. | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 140 | 42 | 30,0 | 3 | 7,1 |
| 17. | ҶСП "Кафолатбонк" | 52 | 18 | 34,6 | 6 | 33,3 |
| 18. | ҶСП "Бонки Осиё" | 42 | 18 | 42,9 | 1 | 5,6 |

дан зарур аст, ки дар низоми бонкии кишвар барои рушду нумӯи бонувон мутахассисон диққати ҷиддӣ дода меша-вад. Махсусан дар ҷавоб ба дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шумораи занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда рӯ ба афзоиш дорад. Барои мисол, агар дар семоҳаи аввали соли 2016 занҳои роҳбар 8,3%-и шумораи умумии бонувонро ташкил дода бошад, пас дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2017 ин нишондиҳанда ба 10,9% баробар шуд. Рақамҳои овардашуда аз баланд шудани мавқеи зан дар низоми бонкӣ ва торафт ба бонувон бовар кардани вазифаҳои пурмасъу-ли роҳбарикунанда шаҳодат медиҳад.

Тавре таҳлили нишонди-ҳандаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ҳиссаи занҳо аз миқдори умумии кор-мандон дар ташкилотҳои

қарзии ҷудогона як хел нест ва он аз 25,8% (ҶСК “Бонки Эсхата”) то 45%-ро (ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) ташкил медиҳад. Дар робита ба ин рақамҳо, ҳиссаи занони роҳбарикунанда низ нисбат ба миқдори умумии бонувон дар ташкилотҳои қарзӣ фарқ мекунанд. Масалан, ин нишондиҳанда аз 5,6% (ҶСП “Бонки Осиё”) то 33,3%-ро (ҶСП “Кафолатбонк”) ташкил мекунад (ниг.ба ҷадвали 1).

Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки ҳиссаи занҳо аз шумораи умумии кормандон дар бонкҳои тиҷоратие, ки шумораи умумии кормандонашон аз 300 нафар зиёд аст (8 бонк) 32% ро ташкил намуда, ҳиссаи занҳои роҳбарикунанда аз шумораи умумии бонувон 9,8%-ро ташкил медиҳад (*Ниг ба ҷадвал)*.

Агар нишондиҳандаи аввал мавқеи занҳоро дар ташкилотҳои қарзии номбурда нисбатан устувор нишон диҳад, пас инро дар бораи ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ кардани занҳо гуфтан душвор аст. Ташкилотҳои қарзӣ бояд занҳои қобилиятнок ва соҳибмаълумотро ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва махсусан ба вазифаҳое, ки масъулияти моддӣ доранд (хазиначиҳо, ҳисобчиҳо, мудирони анбор ва ғ.) бештар бовар карда, пешбарӣ намоянд.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон барои рушду нумӯи занон – кормандон диққати аввалиндараҷа дода мешавад.

> Дар Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд захираи кадрӣ ташкил карда шудааст ва ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз он бо назардошти қобилияти номзадҳои арзанда истифода бурда мешавад.

Маҳз бо ин мақсад дар Дастгоҳи марказии бонк Шӯрои бонувон иборат аз 5 нафар ташкил карда шудааст, ки сарварии онро муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ба ӯҳда дорад. Шӯрои бонувон дар тарғибу ташвиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ҷашну расму оин ва анъанаҳои миллӣ”, тарбияи маънавии бонувон, аз ҷумла тарзи ҳаёти солим, либоспӯшӣ, тарғиби анъана ва либосҳои миллӣ, тарбияи фарзандон дар ҷодаи ватандустӣ, хурмати калонсолон ва ғайра корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкор “Кадбону” 10 ноябри соли 2016 дар Бонки миллии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи “Нақши бонкҳо дар беҳтар намудани маблағгузории соҳибкории занон” бо иштироки 70 нафар занон баргузор карда шуд.

Барои баланд бардоштани дараҷаи касбии бонувон, фароҳам овардани шароит барои меҳнати эҷодкоронаи онҳо дар бонк таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Бо ин мақсад утоқҳои корӣ бо техникаи зарурӣ, компютерҳо ва мебели корӣ ҷиҳозонида шудаанд. Ошхонаи барҳаво ва китобхона бо адабиётҳои соҳавӣ ва бадеӣ дар хизмати кормандон, аз ҷумла бонувон қарор доранд. Дар толорҳои варзишии ҶДММ “Варзишгоҳи Борбад” тамоми шароитҳо барои машқу тамрин, аз ҷумла барои занону духтарон фароҳам оварда шудааст.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд захираи кадрӣ ташкил карда шуда, ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ин захира бо назардошти қобилияти номзадҳои арзанда истифода бурда мешавад.

Ҳамагон шоҳид ҳастем, ки борҳо аз минбарҳои баланди ҷаласаҳои ҳукуматӣ эълон шуда, ки фаъолияти бонувони қобилиятнок ва фаъол ҳама вақт зери таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, ба кори ҳалолу поквиҷдононаи занон кормандони Бонки миллии Тоҷикистон низ баҳои воқеӣ дода шуда, меҳнати 4 нафари онҳо бо мукофотҳои давлатӣ қадр карда шудаанд. Ҳамчунин

дар ин давра 7 нафар бонувон бо нишони сарисинагии “Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон” ва 18 нафар бо Ифтихорномаи Бонки миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки бонувон дар Бонки миллии Тоҷикистон аз тамоми имтиёзҳое, ки ба онҳо аз ҷониби қонунгузории ҷумҳурӣ муқаррар карда шудааст, бархӯрдор мебошанд.

Ҷанбаи дигар ва муҳими кор дар он аст, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайат ё ҷанбаи сифатии кормандон–занон диққати махсус дода мешавад. Маҳз бо ин мақсад озмунҳои ҷойҳои корӣ ташкил гардида, бонувони дорои қобилияти баланд, соҳиби маълумоти иқтисодӣ, донандагони забонҳои хориҷӣ дорандагони унвони илмӣ бештар ба кор қабул карда мешаванд. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар байни мутахассисоне, ки соҳиби маълумот мебошанд, 72%-ро маълумоти иқтисодӣ, 4,9% муҳандисӣ, 8,8% омӯзгорӣ, 2,9% ҳуқуқшиносӣ, 2,5% тиббӣ ва 8,8% соҳиби дигар намуди маълумот мебошанд. Дар байни онҳо 4 нафар бонувон соҳиби унвони илмӣ мебошанд.

Ҳамзамон имсол, ки Соли ҷавонон унвон шудааст, дар Бонки миллии Тоҷикистон низ барои ба кор бештар ҷалб намудани ҷавонони соҳибмаърифату соҳибистеъдод, аз ҷумла занону духтарон диққати махсус дода мешавад. Ба санаи 1 апрели соли 2017 ҳайати кормандон занони Бонки миллии Тоҷикистон аз руи синну сол чунин арзёбӣ мешавад:

**то 35 сола 30,7%;**
**аз 35 то 40 сола 19,7%;**
**аз 41 то 50 сола 32,5%;**
**аз 51 то 55 сола – 12,0%.**

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба занону духтарон ҳангоми ба кор қабул намудан мутахассисон сармашқи кори худ намуда, онҳоро ба вазифаҳои ҳисобдор, хазиначӣ ва дигар вазифаҳои масъулияти моддидошта, бештар пешбарӣ менамояд. Аз ҷумла, штати кормандони шуъбаи хизматрасонии хазинавии Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиётҳои хазинадорӣ пурра аз ҳисоби занону духтарон мукаммал карда шудааст.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон барои такмили ихтисоси кормандон, аз ҷумла бонувон диққати ҳамаҷониба дода мешавад. Мутобиқи Барномаи таълимӣ ва такмили ихтисоси кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳар сол тасдиқ мегардад, кормандон, аз ҷумла занону духтарон ба таълим ва такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд. Барои такмили ихтисоси кормандон, ҳамчунин аз ҳисоби бонувон бо бонкҳои марказии Олмон, Фаронса, Швейтсария, Полша, Туркия, Малайзия, Корея, Италия, Япония ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили ХБА, Донишкадаи муттаҳидаи Вена, ҳамкориҳои мутақобили судманд ба роҳ монда шудааст. Дар давоми соли 2016 дар доираи барномаи номбаршуда 141 нафар бонувон бо таълим ва такмили ихтисос фаро гирифта шуд. Илова бар ин, шумораи зиёди занону духтарон ба таълим дар курсҳои таълимии дохилибонкӣ ҷалб карда шудаанд.

Ба ҳамин тартиб, Бонки миллии Тоҷикистон нақша дорад, ки минбаъд низ дар самти ба кор ҷалб намудани занону духтарони лаёқатманду ҳамқадами ҳаёт чораҳои зарурӣ андешида, барои тадриҷан дар низоми бонкӣ аз ҳисоби бонувон зиёд намудани сафи кормандон кушиш ба харҷ диҳад.

> Дар давоми соли 2016 дар доираи Барномаи таълимӣ ва такмили ихтисоси кормандони Бонки миллии Тоҷикистон 141 нафар бонувон бо таълим ва такмили ихтисос фаро гирифта шуд.

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ **2017** **ДОРОИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 4 434 244 963 | 4 431 228 374 | 3 016 589 | 0,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 982 710 301 | 2 641 805 266 | 340 905 035 | 12,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 662 076 110 | 2 682 076 722 | -20 000 612 | -0,7% |
| ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" | 1 983 296 874 | 2 002 827 782 | -19 530 908 | -1,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 812 102 142 | 1 611 887 130 | 200 215 012 | 12,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 1 145 473 972 | 748 151 972 | 397 322 000 | 53,1% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 547 164 674 | 304 091 025 | 243 073 649 | 79,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 511 367 153 | 593 390 922 | -82 023 769 | -13,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 313 807 803 | 301 657 779 | 12 150 024 | 4,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 254 063 400 | 202 037 391 | 52 026 009 | 25,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 196 141 353 | 134 940 963 | 61 200 390 | 45,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 166 777 569 | 168 905 763 | -2 128 194 | -1,3% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 116 783 811 | 303 597 654 | -186 813 843 | -61,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 112 719 107 | 160 041 569 | -47 322 462 | -29,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 104 996 798 | 114 049 163 | -9 052 365 | -7,9% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 103 161 978 | 105 119 472 | -1 957 494 | -1,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2017 ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 208 686 552 | 1 546 929 730 | -338 243 178 | -21,9% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 1 041 390 989 | 1 166 770 820 | -125 379 831 | -10,7% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 193 624 585 | 2 166 949 512 | 26 675 073 | 1,2% |
| ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" | 1 222 901 962 | 1 632 746 315 | -409 844 353 | -25,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 091 349 369 | 1 027 047 038 | 64 302 331 | 6,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 186 423 867 | 200 019 599 | -13 595 732 | -6,8% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 42 707 911 | 28 301 020 | 14 406 891 | 50,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 257 413 040 | 258 949 269 | -1 536 229 | -0,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 13 095 116 | 19 315 933 | -6 220 817 | -32,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 30 374 331 | 35 884 297 | -5 509 966 | -15,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 64 695 863 | 41 492 667 | 23 203 196 | 55,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 33 236 885 | 54 440 336 | -21 203 451 | -38,9% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 63 533 795 | 172 774 470 | -109 240 675 | -63,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 47 334 587 | 80 697 537 | -33 362 950 | -41,3% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 35 930 195 | 39 094 552 | -3 164 357 | -8,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 4 724 138 | 2 714 005 | 2 010 133 | 74,1% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ **2017** ◙ **УҲДАДОРИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 933 588 021 | 3 660 588 195 | -1 727 000 174 | -47,2% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 656 224 208 | 2 392 457 111 | 263 767 097 | 11,0% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 115 300 693 | 2 151 442 767 | -36 142 074 | -1,7% |
| ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" | 1 718 854 081 | 2 665 562 581 | -946 708 500 | -35,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 528 077 276 | 1 338 779 383 | 189 297 893 | 14,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 1 066 019 480 | 685 905 721 | 380 113 759 | 55,4% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 467 540 113 | 225 428 146 | 242 111 967 | 107,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 445 941 742 | 537 155 601 | -91 213 859 | -17,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 249 361 051 | 239 043 231 | 10 317 820 | 4,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 191 264 677 | 141 118 736 | 50 145 941 | 35,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 107 262 072 | 51 880 552 | 55 381 520 | 106,7% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 89 143 675 | 111 089 314 | -21 945 639 | -19,8% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 100 637 381 | 260 320 636 | -159 683 255 | -61,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 59 172 223 | 88 003 495 | -28 831 272 | -32,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 2 049 386 | 10 356 306 | -8 306 920 | -80,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 53 601 479 | 55 345 082 | -1 743 603 | -3,2% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2017 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 198 299 708 | 1 469 339 995 | -271 040 287 | -18,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 205 650 969 | 1 996 500 557 | 209 150 412 | 10,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 297 692 122 | 1 063 821 867 | 233 870 255 | 22,0% |
| ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" | 1 258 784 008 | 2 198 162 044 | -939 378 036 | -42,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 872 277 371 | 615 898 315 | 256 379 056 | 41,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 800 836 769 | 332 242 888 | 468 593 881 | 141,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 372 550 168 | 141 024 320 | 231 525 848 | 164,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 372 133 108 | 348 660 125 | 23 472 983 | 6,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 3 068 237 | 4 734 057 | -1 665 820 | -35,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 16 348 411 | 24 073 294 | -7 724 883 | -32,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 86 553 334 | 41 650 846 | 44 902 488 | 107,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 46 698 517 | 82 756 314 | -36 057 797 | -43,6% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 22 675 650 | 36 679 286 | -14 003 636 | -38,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 45 093 422 | 66 889 982 | -21 796 560 | -32,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 275 859 | 1 062 893 | -787 034 | -74,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 30 065 466 | 26 897 684 | 3 167 782 | 11,8% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ **2017** САРМОЯ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли **2017** | Соли **2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 2 500 656 942 | 770 640 179 | 1 730 016 763 | 224,5% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 326 486 093 | 249 348 155 | 77 137 938 | 30,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 546 775 417 | 530 633 955 | 16 141 462 | 3,0% |
| ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" | 264 442 793 | -662 734 799 | 927 177 592 | 139,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 284 024 866 | 273 107 747 | 10 917 119 | 4,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 79 454 492 | 62 246 251 | 17 208 241 | 27,6% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 79 624 561 | 78 662 879 | 961 682 | 1,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 65 425 411 | 56 235 321 | 9 190 090 | 16,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 64 446 752 | 62 614 548 | 1 832 204 | 2,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 62 798 723 | 60 918 655 | 1 880 068 | 3,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 88 879 281 | 83 060 411 | 5 818 870 | 7,0% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 77 633 894 | 57 816 449 | 19 817 445 | 34,3% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 16 146 430 | 43 277 018 | -27 130 588 | -62,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 53 546 884 | 72 038 074 | -18 491 190 | -25,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 102 947 412 | 103 692 857 | -745 445 | -0,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 49 560 499 | 49 774 390 | -213 891 | -0,4% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ **2017** ◘ **ФОИДА** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 5 728 645 | 59 077 636 | -53 348 991 | -90,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 7 154 130 | 84 958 | 7 069 172 | 8320,8% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 37 969 557 | 61 678 653 | -23 709 096 | -38,4% |
| ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" | -22 737 001 | -112 090 177 | 89 353 176 | 79,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 7 439 932 | -9 598 683 | 17 038 615 | 177,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | -315 623 | -6 556 954 | 6 241 331 | 95,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 7 079 164 | 8 194 129 | -1 114 965 | -13,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 1 500 148 | -8 151 037 | 9 651 185 | 118,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 1 311 723 | 4 627 875 | -3 316 152 | -71,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 1 331 167 | 1 950 469 | -619 302 | -31,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 2 317 177 | 1 093 810 | 1 223 367 | 111,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 2 734 327 | 3 110 467 | -376 140 | -12,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | -5 064 043 | -8 589 997 | 3 525 954 | 41,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -1 610 901 | -1 076 626 | -534 275 | -49,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -222 | 955 115 | -955 337 | -100,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 307 201 | -61 236 | 368 437 | 601,7% |

# КИШВАРИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР ВА БОНКҲОИ ПЕШРАФТА



## ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ БДА ҶТ «АМОНАТБОНК»

БДА ҶТ «Амонатбонк» ҳамкориҳои худро бо ташкилотҳои байналхалқӣ беҳтар намуда, дар самти бозомӯзии кормандони бонк дар хориҷи кишвар ба натиҷаҳои муайяне ноил гардидааст.

Дар соли 2016 инҷониб бо ибтикори роҳбарияти БДА ҶТ «Амонатбонк» ва кушишу талошҳои кормандони Идораи муносибатҳои байналхалқӣ ва кор бо ташкилотҳои байналхалқӣ ҳамкориҳои Амонатбонк бо сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон дар сатҳи хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар доираи ин ҳамкориҳо соли гузашта 6 нафар кормандони бонк ба Ҷумҳурии Ҳиндустон сафарбар шуда, тавассути барномаи ITEC дар курсҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат сатҳи дониши хешро баланд ва таҷрибаи кории худро бой карданд. Дар рафти омӯзиши курсҳои мазкур, кормандони бонк бо раванди рушди соҳибкории хурду миёна, бонкдорӣ, хоҷагидорӣ ва қобилияти рақобатпазирии маҳсулотҳои дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон истеҳсолшаванда, аз наздик ошноӣ пайдо намуданд. Ҳамчунин, иштирокчиёни курсҳои омӯзишӣ дар чандин саммиту конфронсҳои илмӣ ширкат варзида, бо масъалаҳои мубрами бизнеси имрӯза шинос шуданд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки дар соли 2017 низ боз чандин нафар кормандони дигари бонк ба ин кишвари афсонавӣ сафарбар карда шаванд.

## ITEC - БАРНОМАИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ ВА ТЕХНИКИИ ҲИНДУСТОН

ITEC яке аз барномаҳои ҳамкории байни Тоҷикис-



тону Ҳиндустон аст, ки тавассути он Ҳукумати Ҳиндустон ба омӯзиш фаро гирифтани мутахассисони тоҷикро маблағгузорӣ менамояд. Бояд қайд намуд, ки сол то сол шумораи кормандони касбу кори гуногун, ки барои такмили ихтисос ба давлати Ҳинд сафар намуда, тавассути Барномаи ҳамкории иқтисодӣ ва техникии Ҳиндустон (Indian Technical & Economic Cooperation) дар курсҳои омӯзишӣ ширкат меварзанд, зиёд шуда истодааст. Оғози кори Барномаи зикргардида ба 15 сентябри соли 1964 рост меояд. Тибқи ин барнома шаҳрвандони 161 мамолики олам метавонанд ҳамасола тариқи 280 адад курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддати 55 донишкадаҳои байналхалқии Ҳиндустон савияи касбии худро дар самтҳои мухталиф боло баранд. Барномаи мазкур пурра аз тарафи Ҳукумати Ҳиндустон маблағгузорӣ мегардад. Тамоми хароҷот, аз қабили ҳақи таҳсил, хӯрок, сафарҳои омӯзишӣ ва шиносоӣ, хобгоҳ, харидани китобҳо ва чиптаи ҳавопаймо аз ҳар ду тараф аз ҳисоби Ҳукумати Ҳиндустон пардохта мешаванд. Ҳар сол 150 нафар мутахассисони тоҷикистонӣ тавассути ин барнома дар Ҳиндустон дар курсҳои омӯзишӣ иштирок мекунанд, ки ин шумора дар як соли охир баландтарин дар байни давлатҳои минтақа ба ҳисоб меравад.

Муаллифи ин сатрҳо тавассути барномаи мазкур дар яке аз курсҳои омӯзишӣ бо номи «Small Business Planning and Promotion» (Ба нақшагирии бизнеси хурд ва пешбурд), ки дар National Institute for Entrepreneurship and Small Business Development (NIESBUD) (Донишкадаи миллии соҳибкорӣ ва рушди бизнеси хурд) дар шаҳри Ноидаи Ҳиндустон баргузор гардид, иштирок доштам ва мехоҳам чанд мушоҳидаю бардоштҳои худро аз ин кишвари пурасрор барои хонандагони гиромӣ нақл намоям.

Аммо, дар оғоз мехоҳам хотироти ду корманди Амонатбонкро, ки сафари Ҳиндустон барояшон хотирмону фаромушнашаванда аст, ин ҷо дарҷ кунам.



>>> **БАҲРОМ РАҲМАТОВ,** *иқтисодчии асосии Идораи муносибатҳои байналхалқӣ ва кор бо ташкилотҳои байналхалқӣ* **дар бораи сафари Ҳиндустон чунин қайд менамояд:**

«Ман аз 4 июл то 12 августи соли 2016 аввалин маротиба

дар Ҷумҳурии Ҳиндустон будам ва дар курси «Маркетинги байналхалқӣ ва рақобати глобалӣ» иштирок намудам. Пеш аз сафар ба ин давлат ман нисбати Ҳиндустон андешаи дигар доштам. Фикр мекардам, ки Ҳиндустон як кишвари қафомонда буда, иқтисодиёташ дар сатҳи паст қарор дорад. Аммо баъди аз наздик ё ба қавле бо чашми сар дидани инкишофу пешравиҳои кишвари афсонавӣ фикри ман нисбати ин давлат дигар гардид.

Бароям бештар аз ҳама иқтисоди рушднамуда ва инсондӯстию дасту дили гарми мардуми Ҳинд барои рушди ояндаи кишварашон, озодии сухан, озодии васоити ахбори омма, демократияи ҳақиқӣ ва дар самти рушди иктисодиёт рақобати солими беҳамто байни соҳибкорон писанд омад.

Дар Ҳиндустон метавон гуфт, ки тамоми намуди маркетинг пурра фаъолият менамояд. Шабакаи интернет ба таври васеъ истифода мешавад. Ман нисбати маркетинги бонкӣ бештар таваҷҷуҳ доштам ва дар ин самт фаъолияти бонкҳоро омухтам. Таҳлилҳо нишон доданд, ки бонкҳои Ҳиндустон хизматрасониҳои гуногуни бонкиро ба роҳ мондаанд ва пардохтпазирии хубе доранд.

Умуман ин сафар ва омузиш дар ин курс барои ман хотирмон буд. Ман таҷрибаи корӣ ва ҷаҳонбиниамро васеъ намуда, аз чандин ҷойҳои таърихии ин давлат дидан кардам.»



**АБДУРАҲМОН НАҶМИДДИНОВ**, *сардори шуъбаи стратегия, таҳлил ва ҷамъбасти Департаменти тараққиёт ва идоракунии хавфҳои бонкӣ* **хотироти худро нисбати сафари Ҳинд чунин иброз намуд:**

«Ман дар шаҳри Ноидаи Ҳиндустон дар курси омӯзишии «Рушди фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ дар маҳалҳои Ҳиндустон (RURAL)» иштирок доштам. Ин курс барои ман аз он ҷиҳат хотирмон буд, ки дар баробари омӯзиши рушди фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ дар маҳалҳои Ҳиндустон ман дар чандин саммиту конфронсҳои байналхалқӣ ширкат намуда, бо масъалаҳои муҳими соҳибкории имрӯза ошноӣ пайдо намудам.

Имрӯз аз аҳолии дар иқтисодиёт фаъолбудаи Ҳиндустон 49%-и он дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунад. Соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар ин давлат ба таври васеъ рушд намудааст. Дар ҷараёни шиносоӣ ва омӯзиш ба чандин корхонаҳои дар соҳаи кишоварзӣ фаъолиятдошта сафарҳо доштем ва аз наздик ба истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ шинос шудем.

Сафари Ҳиндустон, омӯзиш дар курси зикршуда, ошноӣ пайдо кардан ба рафти истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи кории маро зиёд намуд.

## НИЗОМИ БОНКИИ ҲИНДУСТОН

Низоми бонкии Ҳиндустон аз 26 бонки давлатӣ, 25 бонки хусусӣ, 43 бонки хориҷӣ, 56 бонки минтақавии деҳотӣ, 1589 бонки кооперативии шаҳрӣ ва 93550 бонки кооперативии деҳотӣ иборат аст. Бонкҳои давлатӣ 80%-и бозори молиявии ин кишварро аз худ кардаанд.

Дар ин кишвар нақши Бонки марказиро Бонки захиравии Ҳиндустон (Reserve Bank of India) иҷро менамояд. Ин Бонк сиёсати пулию қарзиро дар Ҳиндустон ба танзим медарорад. Бонки захиравии Ҳиндустон фаъолияти худро 1 апрели соли 1935, дар замони ҳукмронии Англия оғоз намуда буд.

Пайдоиши низоми бон-




кии Ҳиндустон ба асри 18 рост меояд. Яке аз аввалин бонкҳое, ки дар ин кишвар ба фаъолият оғоз намуда буд, Бонки Ҳиндустон (Bank Industana) ба ҳисоб меравад. Он соли 1770 ташкил шуда, бо гузашти 59 сол дар соли 1829 фаъолияти худро қатъ намуд.

Низоми бонкии ин кишварро дар ҷадвал метавон ба таври зер инъикос намуд *(Ниг. ба нақша)*:

Ҳар сол Ҳукумати Ҳиндустон барои таъмини пардохтпазирии сармояи бонкҳои давлатӣ маблағҳои зиёд ҷудо менамояд. Дар соли 2016 ҳукумат ба сармояи 13 бонки давлатӣ маблағи 22 915 миллиард рупия (3,4 миллиард доллари ИМА) маблағгузорӣ кард.

Дар айни замон бонки калонтарин ва қадимтарин ин Бонки давлатии Ҳиндустон (State Bank of India) ба ҳисоб меравад. Он аз ҷиҳати шумораи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонӣ дар ҷаҳон дар ҷои аввал меистад ва ба китоби рекордҳои Гиннес дохил шудааст.

Бино ба маълумоти Бонки захиравии Ҳиндустон (RBI), бахши бонкӣ дар ин давлат ба таври кофӣ сармоягузорӣ шудааст ва ҳамчунин танзимшаванда аст. Шароити молиявӣ ва иқтисодӣ дар ин кишвар аз дигар мамолики ҷаҳон хубтару беҳтар ба назар мерасад. Омӯзишҳои хавфи қарзӣ, бозорӣ ва пардохтпазирӣ нишон медиҳанд, ки бонкҳои Ҳиндустон тобовар буда, таназзули сатҳи ҷаҳониро хуб аз сар гузаронидаанд.

## АЗИМТАРИН ДЕМОКРАТИЯИ ДУНЁ ВА МИЛЛАТИ МУВАФФАҚ

Бо вуҷуди он ки аксар вақт Ҳиндустонро ҳамчун як давлати камбағал нишондод менамоянд, аммо ин кишвар то забти Британиё (оғози асри 17) яке аз сарватмандтарин давлатҳои олам ба ҳисоб мерафт. Ҳиндустон азимтарин демократияи дунё ва ҳафтумин давлати бузурги ҷаҳон буда, таърихи 10 ҳазорсола дорад. Калонтарин давлати истеҳсолкунандаи шир, чормағзи кокос, чой, имбир, куркума ва қаламфури сиёҳ ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати истеҳсоли гандум, биринҷ, шакар, моҳӣ дар ҷаҳон дар ҷойи дувум аст.

Дар ин давлат 60%-и пасмондаҳои маҳсулоти пластикӣ дубора коркард мегарданд. Нуҳумин давлатест, ки аз нерӯгоҳи офтобӣ бештар истифода мебарад. Аз ҷиҳати истеҳсоли нерӯи барқи бодӣ дар ҷаҳон дар ҷойи чорум меистад. Аз рӯи шумораи олимон ва инженерон дар ҷаҳон ҷойи 2-юмро ишғол менамояд. Дувумин миллати бузурги англисзабон, дувумин давлати қувваи коргарии зиёддошта ба шумор меравад.

Йога дар ин давлат 5000 сол қабл ба вуҷуд омадааст. Шоҳмот низ дар ин давлат пайдо шудааст. Аз ҷиҳати масоҳати роҳҳои мумфарш дар ҷаҳон пас аз Амрико ҷои дуюмро ишғол менамояд.

Дувумин давлати бузурги истеҳсолкунандаи велосипед ба шумор меравад. То соли 1896 ин давлат ягона сарчашмаи алмос дар ҷаҳон ба ҳисоб мерафт.

Миллати Ҳинд дар хориҷи кишвар низ муваффақ гардидааст. Имрӯз 38%-и табибон ва 12% -и олимони Амрико ҳиндуанд. Ҳамчунин 36%-и кормандони ширкати NASA, 34% -и кормандони ширкати Microsoft, 28%-и кормандони ширкати IBM, 17%-и кормандони ширкати INTEL ва 13%-и кормандони ширкати XEROX ҳиндуҳо мебошанд.

## ПЕШРАВИҲОИ ДАВЛАТИ ҲИНД

Иқтисодиёти кишвари Ҳиндустон яке аз иқтисодҳои дорои рушди босуръат дар ҷаҳони имрӯза шуморида мешавад. Бонки ҷаҳонӣ рушди иқтисодии Ҳиндустонро дар соли 2016-2017 ба андозаи 7,5% пешгӯӣ намудааст. Суръати рушди иқтисоди Ҳиндустон бештар аз Чин аст.




**Пешгӯии рушди иқтисоди кишварҳои гуногун:**
*Манбаъ: Wall Street Journal*
Дар давоми соли 2015 Ҳиндустон дар рейтинги рақобатпазирии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ яке аз давлатҳои рақобатпазир шинохта шудааст.

## ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНД

Ҳамкориҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар сатҳи хуб қарор дошта, равобити дӯстона байни ин ду давлат инкишоф меёбад. То ба имрӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш маротиба ба Ҳинд сафар намудааст, ки аз ин чортояш сафари расмӣ (1993, 1995, 2001, 2016) ба ҳисоб меравад. Аз тарафи роҳбарияти Ҳиндустон низ чор маротиба (2003, 2009, 2013, 2015) ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дода шудааст.

Дар соли 2014 - 2015 ҳаҷми гардиши мол байни Тоҷикистону Ҳинд 58 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки ин дар муқоиса ба солҳои 2013-2014 ба андозаи 5,4 фоиз зиёд аст.

Ҳаҷми содироти молу маҳсулот аз Ҳиндустон ба Тоҷикистон дар як сол 53,7 млн. доллари ИМА-ро ташкил менамояд. Аз Ҳинд ба Тоҷикистон бештар гӯшти гов - 14,75 млн. долл. ИМА, маҳсулотҳои доруворӣ – 14,38 млн.долл. ИМА, либос ва матоъ - 13,63 млн.долл.ИМА. ворид карда мешавад. Ҳиндустон аз Тоҷикистон хӯлаҳои пӯлод ва дигар маъданҳои минералӣ харидорӣ менамояд.

Таҷдид ва барқарорсозии фурудгоҳи Айнӣ, сохтмони беморхонаи дӯстӣ барои низомиён дар ноҳияи Хуросон, корхонаи коркарди мева дар атрофи Душанбе, таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии Варзоб-1, таъмири лабораторияи техникӣ дар назди Донишкадаи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази иттилоот ва технология дар шаҳри Душанбе, меҳмонхонаи 5-ситорадори “Шератон” дар шаҳри Душанбе аз умдатарин лоиҳаҳое ҳастанд, ки бо маблағгузориҳои Давлати Ҳиндустон дар Тоҷикистон амалӣ шудаанд.

Ҳамчунин, Ҳиндустон ба низомиёни тоҷик бурсияҳои ройгон барои таҳсил ҷудо менамояд. Низомиён ва сарбозони ҷавони тоҷик дар курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дар Академияи миллии мудофиаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ҳиндустон (ш. Пуне), Академияи ҳарбии Ҳиндустон (ш. Деҳрадун) ва дигар муассисаҳои таълимӣ таҳсил менамоянд.

Айни замон дар Тоҷикистон беш аз 50 корхонаи муштарак бо сармоягузории Ҳинд фаъолият мекунад.

## ХУЛОСА

Дар ҳоле, ки таҳримҳои ғарб ба иқтисоди Русия фишор меорад ва аз ин ҳолат на танҳо муҳоҷири меҳнатии тоҷик, балки иқтисоди Тоҷикистон низ зиён мебинад, месазад дар бораи истифодаи имкониятҳои Ҳиндустон, ки қудрати дигари минтақа ба ҳисоб меравад у зиёда аз 1 миллиард аҳолии худро бо ҷойи корӣ таъмин намудааст, андеша ронем. Зеро ин кишвар низоми бонкдории пешрафта дорад ва робитаи наздик бо ин давлат метавонад маблағҳои озоди бонкҳои Ҳиндро ба бозори молиявии ҷумҳурии мо ворид намояд. Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин кишвар, ки нимаи дуюми моҳи декабри соли 2016 баргузор гардид, аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба ҷалби инвеститсияи бештаре аз ин кишвар ва ҳамкориҳои боз ҳам судманду пурсамар манфиатдор аст.

Лозим ба ёдоварист, ки баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари Ҳиндустон яке аз давлатҳое буд, ки аз аввалинҳо шуда сафоратхонаи худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ намуд ва ҳамкориҳои иқтисодиро оғоз кард. Имрӯз зарур аст, ки ин ҳамкориҳо боз ҳам тақвият ёбанд ва роҳҳои нав ба нави муносиботи судманди иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд.

**Олимҷон САФОЛОВ,**
**иқтисодчии БДА ҶТ «Амонатбонк»**

# «БАНКИ ДОЛЖНЫ СТАТЬ ТАКИМИ ЖЕ ЦИФРОВЫМИ, КАК ИХ НОВЫЕ КОНКУРЕНТЫ»

**Эдвин ван дер Удераа,** лидер глобальной практики Accenture FS Digital

**Беседовал:** Антон Арнаутов, издатель «Банкир.Ру»



***О стратегиях банков в эпоху цифровой трансформации порталу Bankir.Ru рассказал лидер глобальной практики Accenture FS Digital Эдвин ван дер Удераа.***

**— Мы уже несколько лет слышим, что банки должны уступить свою роль финтехкомпаниям. Так ли это?**

— Google, Apple, Facebook и Amazon — цифровые гиганты, которых иногда называют общей аббревиатурой GAFA,— уже успели получить банковские лицензии. То же сделали и многие крупные телекомы. И все ждали, что вот сейчас они начнут теснить банки. Но мы так и не увидели Facebook Bank или Google Bank. Почему? Причин две: регулирование и капитал.

Возможно, менеджеры компаний GAFA внезапно поняли: если их компании на самом деле станут банками, то им придется нести ответственность перед регуляторами — вплоть до личной уголовной ответственности. Не самая приятная перспектива.

Далее: чтобы стать банками, этим компаниям необходим капитал. Оценка любого финтехстартапа, любой цифровой компании определяется показателем price / earning (цена к доходам), и этот показатель у них, как правило, очень высокий. Их рыночная оценка очень высока, потому что все ожидают от них стремительного роста в будущем. Именно поэтому венчурные капиталисты инвестируют в такие компании, и их оценка растет.

> Менеджеры компаний GAFA внезапно поняли: если их компании на самом деле станут банками, то им придется нести ответственность перед регуляторами

Венчурные капиталисты будут инвестировать в компанию только если есть основания рассчитывать на годовой рост ее капитализации на 30–50%, иначе их венчурная модель бизнеса просто не будет выполняться.

В последние два-три года, когда финтехстартапы занялись peer-to-peer кредитованием, привлечением депозитов и т. п., выяснилось, что им нужен совсем другой вид капитала — капитал T1, который регулируется как банковский капитал. Но проблема в том, что сейчас банковский капитал себя не окупает. Он не приносит и 8–9% годовой прибыли. Венчурные капиталисты не станут инвестировать в проекты с такой доходностью. Некоторые финтехстартапы смогли получить банковскую лицензию, но их бизнес-модель оказалась несостоятельной.

Никто не хочет финансировать сегодня такой бизнес. Даже крупные и уважаемые европейские банки, которые мы хорошо знаем, испытывают трудности с привлечением дополнительного капитала. Банки попали в своего рода «ловушку низких доходов». Они зарабатывают недостаточно для того, чтобы создавать добавочный капитал T1, поэтому они вынуждены привлекать этот капитал на рынках. Их прибыльность упала до очень низкого уровня, их акционеры разочарованы, а новых крайне трудно привлечь.

**— Какой вы видите дальнейшую судьбу банков?**

— Полагаю, со временем большинство банков будут эволюционировать к модели commodity. Мы видим, как это уже происходит со страхованием. Если посмотреть назад, исторически страхование начиналось на лондонском «рынке Ллойда». Брокеры знакомили там предпринимателей, собиравшихся отправить корабль через океан, с «Именами». Это были знатные люди с аристократическими титулами того времени, например лорд, и «лорд» означало, что только они имеют право владеть землей. Собственно, название земель входило в титул. Поскольку они имели постоянный доход от этих земель, они были весьма состоятельными людьми и могли оплатить стоимость и груза, и корабля, если он не возвращался в Гринвич. А роль «андеррайтера» в такой системе выполняли специалисты, составляющие контракты и умеющие оценивать потенциальный риск того, что корабль не вернется. Сегодня же большинство страховых компаний — скорее «балансовые ведомости».

По мере того как мы увеличиваем требования к капиталу страховых компаний и банков и позволяем финтехкомпаниям получить доступ к их «движкам» (core systems) для совершения транзакций, мы как бы возвращаем эти организации к их начальному периоду — периоду типовых рыночных сервисов.

Возможно, мы когда-нибудь увидим, например, создание компании Google Finance Advisors — для этого достаточно простого расширения функционала Google Now. Google Now уже сегодня выступает советчиком пользователя в повседневной жизни. Так же естественно он сможет выступить советчиком при выборе кредита или предложить инвестиционные возможности. Банк останется только как баланс, на котором фиксируются кредиты и депозиты.

Еще одна серьезная тенденция в банкинге — консолидация. Как мне кажется, это будет происходить во всем мире, в том числе и в России.

**— Что делать банку в таких условиях? Какую стратегию выбрать?**

— Банку стоит решить, чем он хочет стать. Хочет ли он стать провайдером utility, своего рода «типовой стандартной услуги», подобно коммунальным услугам, или же играть другую роль. Правда, пока я еще не встречал ни одного банка, который говорил бы, что сам хочет превратиться в utility. Думаю, это произойдет с некоторыми из них помимо их воли.

Банкам стоило бы рассматривать себя как «финтехкомпания снаружи (для пользователя) плюс система балансового учета внутри.

Единственная же эффективная стратегия, возможная сегодня для банка, как мне кажется, стать таким же цифровым, как и его новые конкуренты, цифровые компании. Он должен стать частью цифрового мира, цифрового диалога. И тогда вместо того, чтобы обращаться за советом к Google Now, пользователь обратится к банку. Поэтому банкам стоило бы рассматривать себя как «финтехкомпания снаружи (для пользователя) плюс система балансового учета внутри».

> Банк останется только как баланс, на котором фиксируются кредиты и депозиты

**— Одной из популярных стратегий для банков, о которой много говорят, является стратегия создания «маркетплейсов» — универсальных площадок, на которых продаются самые разные продукты. Как вы на это смотрите?**

— Одним из первых банков, который реализовал эту модель, стал WeBank от китайской компании Tencent. В проекте Tencent есть мобильный чат WeChat, которым сегодня пользуется намного больше пользователей, чем есть у WhatsApp. Сейчас WeChat используют порядка 600 миллионов человек. На основе WeChat был создан банк, который фактически является API к WeBank.

**— Но у WeChat уже были сотни миллионов пользователей. Как вы оцениваете перспективы обычного банка, который решит создать маркетплейс?**

— WeBank интересен тем, что это просто оболочка, слой API. И любой банк, если он хочет выйти на китайский рынок, может предложить свои кредитные или депозитные продукты через WeBank. Таким образом WeBank — это супермаркет, платформа для других банков. Сегодня мы разрабатываем для нескольких банков стратегию построения такой платформы. Если у вас как у банка есть сильное сообщество пользователей и определенная «критическая масса», тогда у вас есть возможность создать такую платформу.

**— Но таких платформ не может быть много?**

— Именно поэтому и должна произойти очень серьезная консолидация банков.

Блокчейн — это фундаментальная технология, которая должна изменить всю цепочку создания ценности в банках и страховых компаниях

**– Сегодня мы много слышим об искусственном интеллекте и о его возможном влиянии на банкинг. Что вы думаете об этом явлении?**

— Я полагаю, 2016-й — это был год прорыва в области искусственного интеллекта. Еще в прошлом году не было такой уверенности в пилотах, которые реализуются в этой сфере. А в этом году наши проекты с клиентами уже выходят на серьезный промышленный уровень. Практически все крупные банки во всем мире активно работают в этой области, считая ее ключевой.

**– Но не в России...**

— Думаю, у вас это случится примерно через год.

**– Каково практическое применение ИИ в банкинге?**

— Есть две основные области его применения.

Во-первых, это взаимодействие с клиентами. Мы сейчас делаем много проектов с банками по созданию чат-ботов. И это не просто очередной интерфейс взаимодействия с клиентами банка. Это новый форм-фактор взаимодействия. Посмотрите, как сегодня общается между собой молодежь. Они уже «не вылезают» из своих смартфонов. Чат-бот хорошо использует этот новый форм-фактор для коммуникации.

Вторая область — это консультирование пользователя. И здесь важно уже не только понимание специфики современных коммуникаций, но и понимание продукта. Таким образом можно предоставлять финансовые советы по ипотеке, страхованию, инвестициям. Но это требует уже гораздо более интеллектуальных технологий.

Мы сейчас обсуждаем эту область с британским регулятором FCA, который создал специальную среду для тестирования финтехинноваций. Мы создали решение в области ИИ, объединяющее Watson и ряд других решений. Все эти технологии и платформы сегодня на разных уровнях зрелости, но соединенные вместе они позволяют предложить хорошее решение. Сегодня оно уже может поддерживать коммуникацию, например, с ипотечным клиентом на довольно сложном уровне — как с точки зрения знания финансов, так и эмоционального интеллекта. Задумайтесь: сегодня такие решения уже почти проходят знаменитый тест Тьюринга, а ведь совсем недавно это считалось невозможным.

**– Я так понимаю, что одним из эффектов от ИИ станет безработица среди банкиров...**

— В каком-то смыле да: понадобится гораздо меньше людей на рутинные операции. Но, с другой стороны, именно дигитализация дает банкам надежду. Если бы сегодня не было ИИ,

роботизации и других цифровых технологий, как бы тогда банки смогли сократить людей, чтобы улучшить свои показатели по соотношению затрат к доходам? А ведь они должны это сделать, как мы отметили выше. Отметим, что наряду с сокращением прежней работы дигитализация будет создавать и новую работу (и новые рабочие места). И эта работа будет гораздо интереснее и креативнее, чем прежняя.

Конечно, и у банков, и у общества в целом должна быть социальная ответственность по отношению к сокращаемым сотрудникам.

Банки, осуществляющие цифровую трансформацию правильно, начинают с вдохновляющего рассказа сотрудникам о своем будущем. Затем они обучают сотрудников новым навыкам и профессиям, востребованным в цифровом веке. И пытаются «вписать» их в новую, изменившуюся жизнь банка. Если же в итоге сотруднику приходится уйти, из его резюме видно, что он был участником успешной цифровой трансформации и теперь имеет важные новые цифровые навыки (а не был уволен из-за несоответствия новым временам). И это только один из многих способов мотивировать сотрудников для участия в цифровой трансформации.

**— А как это коснется России?**

— Вы знаете, что за последние 20 лет наблюдался почти нулевой рост производительности труда в США, Западной Европе и Японии? У таких стран, как Россия, есть огромный потенциал роста: поскольку производительность труда здесь ниже, ей есть куда расти. Такой рост уже происходит в Турции, Бразилии и некоторых других странах. Европе на достижение существующего уровня производительности труда потребовалось 50 лет, у вас же это может получиться всего за 20. У вас есть возможность учиться на нашем опыте. И возможность повышения производительности труда сегодня заключена именно в развитии цифровых технологий.

**— Что будет следующей Big Thing в финтехе?**

— Можно отметить технологию блокчейна — распределенных реестров. Хотя сегодня многие справедливо называют это «хайпом».

Я видел много циклов развития технологических «хайпов». Да, сегодня мы слышим много разговоров, видим много пилотов, но никто пока не торопится применять эту технологию в промышленных масштабах. И это вполне естественно, поскольку для использования технологии блокчейна необходимо чтобы ее приняло большое число участников. Это невозможно сделать в одиночку. Пройдет еще несколько лет, когда блокчейн будет оставаться экспериментальной, «пилотной» технологией, пока не будет совершен прорыв. Пока группой банков или страховых компаний не будет создано действительно работающее и эффективное решение. А потом блокчейн превратится в мейнстрим и станет при этом новым феноменом.

Я думаю, блокчейн — это фундаментальная технология, которая должна изменить всю цепочку создания ценности в банках и страховых компаниях. Эта технология может в конце концов привести и к замене систем core banking и core insurance.

**— Что вы думаете о перспективах развития финансовых технологий в России?**

— Россия — страна с очень высокой энергетикой. В Европе и Америке часто приходится слышать о том, почему что-либо не может быть осуществлено, и все происходит гораздо медленней. А здесь другая энергия. Вы полны решимости двигаться вперед. Понятно, что сейчас в экономике России есть проблемы, но я полагаю, что это временно. Похожее ощущение у меня появляется в Китае, Турции, Бразилии, Польше и некоторых других местах. Я абсолютно уверен, что на ближайшие пять-десять лет у вашей страны есть серьезные перспективы.

# Низоми бонкӣ
## дар 25 соли Истиқлолият

*(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).*

Иҷрои тадриҷӣ ва зина ба зинаи Нақшаи стратегии мазкур дар муддати бештар аз як соли охир барои пешрафти кор ва самаранокии назарраси фаъолият дар Бонки миллии Тоҷикистон роҳ боз намуд, ки дастоварду ислоҳоти зерини воҳидҳои сохторӣ далели равшани ин гуфтаҳост.

**Идораи кормандон.** Бо мақсади кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кормандон ихтисори воҳидҳои кории кормандон гузаронида шуд, ки дар натиҷа воҳидҳои кории Бонки миллии Тоҷикистон аз 1149 воҳид то ба 802 воҳид кам гардид (-347 воҳид).

Дар ин давра санҷиши тахассусии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуда, озмун барои ишғоли ҷойҳои холии корӣ баргузор гардид, ки дар он бештар аз 400 нафар довталаб иштирок намуда, 35 нафар ғолиби озмун гардиданд ва қисми зиёди онҳо бо кор таъмин шуданд.

Дар якҷоягӣ бо Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (SBFIC) дар доираи шартномаи дутарафа барои кормандони низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон "омӯзиши дугона" ба роҳ монда шуд. Ин омӯзиш дарозмуддат буда, то соли 2017 давом мекунад ва бояд 400 нафар омӯзонда шавад. Дар доираи барномаи мазкур дар Шуъбаи минтақавии БМТ дар ш. Қӯрғонтеппа як синфхона бо мебел ва дигар асбоби хониш аз ҳисоби Фонди мазкур ҷиҳозонида мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба воситаи ин барнома пеш аз ҳама кормандоне, ки бевосита бо муштариён кор мекунанд, дар сатҳи байналмилалӣ омода карда мешаванд.

Бо ташаббуси ҳамин Фонд аз 28 март то 1 апрели соли 2016 семинари махсуси амалӣ бо истифодаи симулятсияи компютерӣ оид ба идораи бонкҳо гузаронида шуд ва дар он намояндагони 7 бонки ҷумҳурӣ иштирок карданд.

Корҳои назаррас оид ба ҷамъоварӣ, ороиш ва ҷобаҷо намудани нигораҳо дар Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон ба сомон расонида шуд. Қисмати осорхона, ки ба таърихи пул бахшида шудааст, соли гузашта дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии ҶТ (соли 2015) расман кушода шуд. Инчунин, "Роҳнамои осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон" бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода гардида, ба нашр расонида шуд.

**Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд.** Барои иҷрои мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон, яъне нигоҳдории сатҳи мӯътадили нархҳо бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ сатҳи таваррумӣ солона аз 7,4 фоиз дар соли 2014 то 5,1 фоиз дар соли 2015 паст гардида, ба ҳолати 01.05.с.2016 дар сатҳи 5,5 фоиз мӯътадил нигоҳ дошта шуд.

Лоиҳаи "Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат" таҳия гардид, ки он марҳила ба марҳила фароҳам овардани фазои мусоид ва заминаи устувор барои гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррумро дар назар дорад.

Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 20 январи соли 2016 баён гардидаанд, таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2016, № 33 тасдиқ карда шуд. Ҷиҳати татбиқи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ (аз 2 декабри соли 2015, №243) тасдиқ карда шуд.

Кӯмаки техникии Хазинаи байналмилалии асъор (26 март – 8 апрели соли 2016) қабул карда шуд, ки дар доираи он тамоми монеаҳою мушкилоти марбут ба сиёсати пулию қарзӣ муайян гардида, ҷиҳати баланд бардоштани таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ ва амалиётҳои монетарӣ тавсияҳои мушаххас гирифта шуд.

Дар соли 2015 афзоиши ҳаҷми пулҳои захиравӣ нисбат ба соли қаблӣ тибқи нақша дар сатҳи 16 фоиз ва афзоиши дороиҳои софи дохилӣ дар сатҳи 10,7 фоиз нигоҳ дошта шуда, сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул аз 19,4 фоиз то 22,7 фоиз зиёд гардид.

Ҷиҳати пешгирии фишорҳои берунӣ аз 01.03.с.2016 меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 фоиз то ба 9 фоиз баланд карда шуд. Меъёри захираҳои ҳатмӣ ҷиҳати мусоидат ба фаъолияти мӯътадили низоми бонкӣ, аз 8.09.с.2015 барои пасандозҳо бо пули миллӣ аз 2 то 1,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ аз 8 то 7 фоиз паст карда шуд. Ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматнок дар соли 2015 нисбат ба соли қаблӣ 1,9 маротиба ва аз аввали сол то 26 апрели соли 2016 бошад, дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 4 маротиба зиёд гардид.

**Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор.** Кумаки техникии ХБА (10-22 сентябри с.2015) оид ба идораи захираҳои байналмилалӣ қабул карда шуд.

Кумаки техникии Бонки миллии Швейцария дар ду марҳила (аз 28.09.с.2015 то 25.10.с.2015 ва 5-8 апрели соли 2016) оид ба босамар намудани амалиётҳои идораи захираҳои байналмилалӣ ба итмом расид.

Нуктаҳои мубодилаи асъори ба ташкилотҳои қарзӣ тааллуқдошта ва берун аз қароргоҳҳои онҳо ҷойгирбуда то охири соли 2015 баста шуда, амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷии нақдро танҳо хазинаҳои нуқтаҳои интиқоли пулӣ, марказҳои хизматрасонии бонкӣ, филиал ва саридора тибқи талаботи Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти

мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" анҷом медиҳанд (шумораи онҳо дар маҷмӯъ ба 4'604 адад баробар аст).

Дар Бонки миллии Тоҷикистон Барномаи низоми электронии савдои "Томсон Ройтерс" ба фаъолият оғоз намуд, ки акнун тамоми амалиётҳои асъорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ тавассути ин барнома гузаронида мешаванд. Амали мазкур фаъолияти бозори байнибонкии асъорро вусъат бахшида, анҷомдиҳии амалиётҳои қарздиҳӣ, мубодилавӣ, амонатгузорӣ ва дигар амалиётҳои ташкилотҳои қарзиро воқеӣ, сода ва шаффоф мегардонад.

Назорати фаъолияти муассисаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар самти анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ ва истифодаи асъори хориҷӣ аз ҷониби гурӯҳҳои фаврии муштарак дар ҳамбастагӣ бо мақомоти Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҷумҳурӣ, ситодҳои кории Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ дар ш.Душанбе ва дигар минтақаҳо пурзӯр карда шуд.

Бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии инфиродӣ барои вайрон кардани тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ ва истифодаи асъори хориҷӣ, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба кодексҳои маъмурӣ ва ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии захираҳои байналмилалӣ (GIR) аз 474,1 млн. долл. ИМА (31.03.с.2015) то ба 593,3 млн. долл. ИМА (30.04.с.2016) расид.

Сатҳи захираҳои байналмилалӣ муътадил монда, NIR ба моҳи импорт аз 1.01 (31.03.с.2015) то ба 1.66 (31.04.с.2016) ва GIR ба моҳи импорт аз 1.37 (31.03.с.2015) то ба 2.14 (30.04.с.2016) афзун гаштанд.

Уҳдадориҳои фоизии беруна дар ҳаҷми 137,8 млн. долл. ИМА кам карда шуданд, аз ҷумла 2,7 тонна тилло аз ухдадориҳои СВОП озод карда шуд. Вобаста ба ин, хароҷоти фоизӣ кам гардида, даромади дороиҳо аз ҳисоби депозитҳои тилло ва овернайти асъор зиёд карда шуд. Зарар аз амалиётҳо ва азнавбаҳодиҳӣ ба маротиб паст карда шуд.

Тиллои монетарии Бонки миллии Тоҷикистон аз 01.01.с.2015 то 31.05.с.2016 ба миқдори 50% (аз рӯйи вазн) зиёд карда шуд.

Бо мақсади ташкили фурӯш ва бозхариди сабикаҳои тиллои тасфияшуда лоиҳаи "Қоидаҳои фурӯш ва бозхариди сабикаҳои меъёрии тиллои тасфияшуда ва ба муомилот баровардаи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Дастурамал "Дар бораи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардани нархи фурӯш ва бозхариди сабикаҳои меъёрии тиллои тасфияшуда ва ба муомилот баровардаи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия шуданд.

**Идораи суботи молиявӣ.** Тибқи тавсияҳои ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ (FSAP – Барномаи баҳодиҳии бахши молиявии ҶТ), бо қабул гардидани сохтори нав (бо қарори Раёсати БМТ, №114 аз 25.06.2015) дар Бонки миллии Тоҷикистон Идораи суботи молиявӣ ва таҳлили хавфҳо ташкил карда шуд, ки аз 1 сентябри соли 2015 фаъолияти худро оғоз намуд.

Кумаки техникии ХБА (28.09.с.2015 – 02.10.с.2015) ҷиҳати муайян сохтани мақсаду вазифаҳои асосии Идора қабул гардид, ки дар натиҷа:

- Низомномаи Идора бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (№114 аз 03.11.с.2015) тасдиқ шуд.

Илова ба моддаи 6-и Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ҳамчун вазифаи навбатии Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли зерин: "Таҳияи сиёсати макромақбул (макропруденсиалӣ) ва назорати иҷрои он" таҳия гардида, ба Идораи ҳуқуқ барои ворид намудан ба қонун дар моҳи декабри соли 2015 пешниҳод карда шуд.

Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби GIZ (аз 28.11.с.2015 то 06.12.с.2015) дар ш. Берлин (Олмон) барои кормандони Идора ва Шуъбаи таҳлили хавфҳо коромӯзӣ дар мавзӯи "Идоракунии хавфҳо ва таҳлили устувории низоми бонкӣ" гузаронида шуд.

Пойгоҳи маълумот бо ҷамъоварӣ гардидани маълумот аз манбаҳои дохилию (сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он) хориҷӣ (аз низоми Томсон Ройтерс) ҷиҳати баҳодиҳии хавфҳои воситаҳои молиявӣ (СВОП, СПОТ, ФОРВАРД ва амалиётҳои амонатӣ аз рӯи филизот) ташкил карда шуда, заминаи асосӣ барои гузариш ба низоми меъёрбандӣ гузошта шуд.

Баҳогузории хавф аз рӯйи амалиётҳои СПОТ (бо бонкҳои ватанӣ ва хориҷӣ), конверсия, конвертатсия, СВОП бо истифода аз усули VaR (ченаки арзиш дар хавф) анҷом дода шуда, аз рӯйи ин амалиётҳо дар алоҳидагӣ ҳисоботҳо дар шакли ҷадвал таҳия гардиданд.

Бо мақсади ҷамъоварии маълумот оид ба хавфҳои дар Бонки миллии Тоҷикистон мавҷудбуда, бо Фармоиши 2265/09.03 аз 12.10.с.2015 дар ҳамаи воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ пурсиш оид ба хавфҳои мавҷуда гузаронида шуд. Бо дарназардошти маълумоти ҷамъоваришуда Харитаи хавфҳо тартиб дода шуд, ки ҷойгиршавии сатҳи хавфҳоро аз рӯйи хусусияти давомнокии онҳо нишон медиҳад.

Кумаки техникии Бонки ҷаҳонӣ тибқи матритсаи Барномаи маблағгузории рушди сиёсат дар ду марҳила (30.11.с.2015–10.12.с.2015 ва 28.01.с.2016–03.02.с.2016) пешниҳод гардид, ки дар натиҷа:

- Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон (№27 аз 01.03.с.2016) таъсис дода шуд, ки он мақоми мустақили доимоамалкунандаи машваратӣ дар назди Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мебошад;
- Низомнома ва ҳайати Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардид;
- аввалин Ҳисоботи семоҳа оид ба мониторинги бахши молиявӣ (марти соли 2016) таҳия гардид.

Ҳисоботҳо оид ба мониторинги бахши молиявӣ барои семоҳаҳои якум ва дуюми соли 2016 таҳия гардида, ба Кумитаи суботи молиявӣ пешниҳод карда шуданд.

Аввалин ҳисоботи моҳона оид ба нишондиҳандаҳои асосии суботи молиявӣ таҳия гардид (апрели соли 2016).

Кумаки техникии GIZ (марти 2016) – гуфтушунид ва дастрасӣ барои оғози ҳамкориҳо дар давраи дарозмуҳлат (2 сол) бо ҷалби коршинос дар самти таҳлили суботи молиявӣ ва татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ амалӣ гардид.

Идораи суботи молиявӣ ва таҳлили хавфҳо тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №55 аз 22.04.с.2016 (тағйироти сохтор) бо дарназардошти мустақил шудани Шуъбаи таҳлили хавфҳо ба Идораи суботи молиявӣ табдил дода шуд ва дар ҳайати он воҳиди нав – Шуъбаи таҳлили

макропруденсиалӣ ташкил карда шуд.

Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №95 аз 12.07.с.2016 тасдиқ шуд. Асосҳои сиёсати макропруденсиалӣ заминаи механизми амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати макропруденсиалии низоми бонкиро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои низом ва мусоидат ба нигоҳдории суботи молиявӣ анҷом дода мешавад, муайян менамояд.

Кумаки техникии Бонки ҷаҳонӣ тибқи матритсаи Барномаи маблағгузории рушди сиёсат (марҳилаи якум 01.08.с.2016–13.08.с.2016) ҷиҳати таҳияи лоиҳаи аввалин Ҳисоботи солонаи суботи молиявӣ, ташкили пойгоҳи маълумот ва мубодилаи байниидоравии маълумот пешниҳод гардид.

**Идораи низоми пардохт.** Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт" таҳия гардида, аз ҷониби аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт ва ба парлумони кишвар барои тасдиқ ирсол карда шуд.

Низоми миллии ҳисоббаробариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (TJNNSS) бо иштироки ширкати байналхалқии Visa International Service Association аз 16.12.с.2015 ба кор оғоз намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар лоиҳаи мазкур ҳамчун бонки ҳисоббаробарӣ амал менамояд.

Татбиқи лоиҳаи грантии Бонки ҷаҳонӣ "Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ" тақвият дода шуд, ки дар доираи татбиқи ин лоиҳа иваз намудани низоми амалкунандаи пардохтҳои байнибонкӣ ба Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ) ва созмон додани Амонатгоҳи марказии коғазҳои қиматнок (АМКҚ) ба нақша гирифта шудааст.

Раванди созмон додани Платформаи ягонаи пардохт барои интиқоли маблағҳо оғоз гардид.

Ҷиҳати рушди минбаъдаи Низоми пардохти миллии "КОРТИ МИЛЛӢ" ва васеъ намудани истифодаи кортҳои миллӣ берун аз марзи кишвар лоиҳаи муштарак бо Низоми пардохти НСПК-и Бонки марказии Русия дар марҳилаи баррасӣ қарор дорад.

Ҷиҳати имконпазир намудани интиқоли маблағҳо ба суратҳисобҳои дорандагони кортҳои пардохтии Низоми пардохти миллии "КОРТИ МИЛЛӢ" ҳамкорӣ бо Низоми пардохти "QIWI" (Русия) роҳандозӣ шуда истодааст.

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон.** Тавре дар боло ишора рафт, бо қабул гардидани сохтори нав (қарори Раёсати БМТ №114 аз 25.06.с.2015) дар Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон ташкил карда шуд, ки аз 1 сентябри соли 2015 ба фаъолият оғоз намуд.

Аз ҷониби Пажӯҳишгоҳ лоиҳаи "Тартиби гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардида, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2016 таҳти №25 тасдиқ карда шуд. Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ва лоиҳаи "Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон" омода шуда, дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Дар самти баланд бардоштани савияи донишу малакаи кории кормандони Бонки миллии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони "Дойч Бундесбонк" (Олмон), бонкҳои марказии мамолики Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯъҳои гуногун семинар ва курсҳои давомнок гузаронида шуданд. Инчунин, Пажӯҳишгоҳ дар ҳамоҳангӣ бо дигар бонкҳои марказӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ барои иштироки бештар аз 94 нафар мутахассиси Бонки миллии Тоҷикистон дар семинар, курс, бозомӯзӣ ва конфаронсҳо дар хориҷи кишвар мусоидат намуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши молиявии аҳолӣ дар ҳамоҳангӣ бо Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (Олмон) як қатор мавод (китобчаҳои омӯзишӣ ва дарсӣ) барои мактаббачагон омода гардид.

Пажӯҳишгоҳ дар давраи фаъолият доир ба мавзӯъҳои гуногун назарсанҷиҳо гузаронид, аз ҷумла:

- оид ба муайян кардани реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ (моҳҳои сентябр, октябр, ноябр ва декабри с.2015);
- оид ба воридшавӣ ва содиршавии интиқолҳои пулӣ дар ташкилоҳои қарзӣ дар давоми 9 моҳи солҳои 2014-2015 (октябри с.2015);
- оид ба воридшавӣ ва содиршавии интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ дар нуқтаҳои интиқоли пулии ташкилотҳои қарзӣ-шаҳрвандон (октябри соли 2015);
- оид ба фаъолият ва назорат аз болои нуқтаҳои мубодилаи асъор дар ш.Душанбе (ноябри соли 2015);
- оид ба истифодабарии хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби шаҳрвандон (аз 27.11.с.2015 то 15.12.с.2015);
- оид ба ташаккули захира ва ФПТИ аз рӯйи қарзҳо дар солҳои 2014-2015 дар байни 17 бонк ва 39 ташкилоти амонати қарзии хурд;
- оид ба сиёсати ҷории Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ дар маҳалҳо, бозору хиёбонҳо ва марказҳои интиқоли пулӣ.

**Идораи амалиёт дар бозори озод.** Ҷиҳати дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ барои пасандозҳо аз 01.10.с.2015 бо пули миллӣ 0,5 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 1,0 банди фоизӣ паст карда шуда, мутаносибан дар сатҳи 1,5 фоиз ва 7,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Ба хотири ҷалби бештари иштирокдорони музоядаҳои фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва самаранок намудани истифодаи ин фишанги сиёсати монетарӣ, тибқи қарори Гурӯҳи корӣ оид ба сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз 11.11.с.2015 баргузории музоядаҳо бо меъёри фоизи ибтидоии меъёри бозтамвил тарҳи 3 банди фоизӣ оғоз гардид.

Аз 4 майи соли 2015 то 26 апрели соли 2016 102 музоядаи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардида, ба маблағи 2 589,10 млн. сомонӣ коғазҳои қиматнок фурӯхта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 757,96 млн. сомонӣ зиёд буда, аз рушди бозори аввалияи фурӯши коғазҳои қиматнок дарак медиҳад.

Даромаднокии миёнавазни солонаи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи 04.05.с.2015–26.04.с.2016 5,33% солонаро ташкил дод, ки нисбат ба нишондоди соли гузашта 2,48% зиёд мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади барқарор намудани дороиҳои

худ моҳи октябри соли 2015 нисбат ба 9 сармоягузори қарздор, ки тавассути ҶСП ТМҒ "КредитИнвест" барои коркард ва содироти маҳсулоти пахтагӣ қарз гирифта буданд, аризаи даъво ба Суди Олии иқтисодии ҶТ пешниҳод намуд. Аз 4 декабри соли 2015 №74/2с-23, тибқи Протоколи ҷаласа дар назди Сарвазири ҶТ аз 30 ноябри соли 2015, Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии қарзҳои сармоягузорони хоҷагиҳои кишоварзӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Бо талаби Прокуратураи генералии ҶТ аз 29 январи соли 2016, таҳти №8-25нд-2016/5, Бонки миллии Тоҷикистон бо мактуб аз 4 феврали соли 2016, №12.3-92/399 рӯйхати қарзҳои мушкилситон, аз ҷумла сармоягузорони соҳаи пахтакориро пешниҳод намуд.

**Идораи ҳисобдорӣ.** Ҳисобгирии як қисми хароҷоти нигоҳдории кормандон бо истифодаи усули ҳисобу замкунии даромад ва хароҷот дар Низоми автоматишудаи бонкии "ЦФТ Банк" ба таври доимӣ ҷорӣ карда шуд.

Бо мақсади кам кардани хароҷоти фарсоиши воситаҳои асосӣ як қатор дороиҳои моддии Бонки миллии Тоҷикистон, ки аз истифода бароварда шудаанд, дар асоси музояда фурӯхта ё ройгон дода шуданд.

Бо мақсади аз тавозун хориҷ намудани бино ва иншоотҳое, ки ба фаъолияти асосии Бонки миллии Тоҷикистон вобастагӣ надоранд, дар соли 2015 маркази варзишӣ воқеъ дар ш.Душанбе ва истироҳатгоҳи "Шоҳин" дар ш. Гулистон аз сохтори Бонки миллии Тоҷикистон бароварда шуда, аз тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон ба тавозуни ҳукумати вилояти Суғд гузаронидани иншоотҳои "Лангар" ва "Зуҳал" ба нақша гирифта шудааст.

Ҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутамарказонида шуда, ба танзим дароварда шуд. Дар якҷоягӣ бо Департаменти технологияҳои иттилоотӣ ба низоми баҳисобгирии "1С-Бухгалтерия" феҳристи воситаҳои асосӣ ворид карда шуда, ҳоло корҳо оид ба мутобиқ намудани низоми "1С-Бухгалтерия" ба ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон давом дорад.

Талаботи техникӣ оид ба автоматӣ кардани ҳисобгирии амалиётҳое, ки аз ҷониби Идораи ҳисобдорӣ гузаронида мешаванд ва бояд дар низоми нави автоматишудаи бонкӣ ба инобат гирифта шаванд, таҳия гардида, ба департаментҳои аудити дохилӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод карда шуданд.

Лоиҳаи таҳрири нави "Сиёсати ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон" бо дарназардошти талаботи СБҲМ (МСФО) омода гардида, барои баррасӣ ба Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

**Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ.** Бо мақсади танзими гардиши пули нақд дар муомилот мутобиқи талаботи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31.07.с.2015, №151 аз 01.08.с.2015 барои додани пули нақд аз хазинаи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон ба андозаи 0,2 фоиз ва мутобиқи талаботи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14.03.с.2016, №39 аз 14.03.с.2016 ба андозаи 0,5 фоиз аз ташкилотҳои қарзӣ ҳаққи хизмат гирифта мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи "Қоидаҳо оид ба нобуд кардани пулҳои коғазии фарсудаи ботилшуда дар Бонки миллии Тоҷикистон" бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 982 560 900 сомонӣ аз ҷониби комиссияҳои тасдиқшудаи Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон нобуд карда шуд.

**Департаменти назорати бонкӣ.** Аз ҷониби департамент Роҳнамо "Дар бораи тартиби додани иҷозатнома барои фаъолияти бюрои таърихи қарз" таҳия гардид ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28.05.с.2015, №102 тасдиқ карда шуд.

"Роҳнамои методӣ оид ба назорати фаъолияти бюрои таърихи қарз" таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 25.06.2015, №115 тасдиқ шуд.

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 07.09.с.2015, №186 Низомнома "Дар бораи Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ" тасдиқ карда шуд.

Ҳамчунин бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28.05.с.2015, №103 тағйирот ба Дастурамали №196 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд" ва таҳти №104 тағйирот ба Дастурамали №197 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд" тасдиқ гардиданд ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.06.2015 ба қайд гирифта шуданд.

Бо мақсади татбиқи амалияи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2015, №217/ФФ Гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ таъсис дода шуд, ки дар натиҷаи фаъолияти он лоиҳаи 5 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардид.

Кумаки техникии Бонки ҷаҳонӣ (22.02.с.2016 – 04.03.с.2016) бо мақсади таъмини устувории низоми бонкӣ ва кам кардани сатҳи хавфи қарзӣ, аз ҷумла қарзҳои ғайрифаъол (NPL) пешниҳод гардид, ки дар доираи он лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №177 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо" таҳия шуда, дар таҳрири нав таҳти №215 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (аз 13.04.с.2016, №50) тасдиқ гардид.

Кумаки техникии Бонки ҷаҳонӣ (19.12.с.2015 – 23.12.с.2015) бо мақсади такмили чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод гардид, ки дар доираи он лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба "Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои қарзӣ" таҳия гардида, таҳти баррасии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

**Департаменти аудити дохилӣ.** Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (қарори №152 аз 31.07.с.2015) тасдиқ карда шуд. Дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ воҳидҳои сохтории дахлдор пайваста аз иҷрои саривақтии бандҳои вобасташуда гузориш медоданд ва раванди иҷрои муқаррароти Нақшаи стратегӣ зери назорат қарор дорад.

Сохтори департамент дар ин давра таҷдиди назар гардида, бо назардошти таҷрибаи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфта ба самтҳои фаъолияти зерин тақсим карда шуданд: 1) ташкил ва ҷамъбасти фаъолияти аудиторӣ; 2) аудити молиявӣ; 3) аудити амалиётӣ; 4) аудити технологияҳои иттилоотӣ.

Қоидаҳои ташкили аудити дохилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон таҷдиду такмил гардида, бо назардошти шароиту талаботи имрӯза ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №54 аз 22.04.с.2016 тасдиқ гардид.

Талаботи техникӣ оид ба масъалаи автоматикунонии барномаи аудиторӣ таҳия гардида, оид ба татбиқи барномаи аудитории "Auto Audit" бо Ширкати "Томсон Ройтерс" ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд ва айни ҳол масъалаҳои техникӣ ва харидорию татбиқи он мавриди омӯзишу баррасӣ қарор доранд.

**Идораи муносибатҳои байналмилалӣ.** Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХБА аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бастаи ҳуҷҷатҳо омода гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд ва оид ба он Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №АП-689 аз 12.03.с.2016 қабул гардид, ки дар натиҷа аз 31.03.с.2016 ҳаққи узвияти ҶТ дар назди ХБА ду маротиба зиёд гардида, маблағи 174 млн. СДР-ро ташкил дод.

Бо мақсади баланд намудани нишондиҳандаҳои рейтинги байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Doing Business) лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гарави молу мулки манқул" дар таҳрири нав таҳия ва дигар лоиҳаҳои қонунҳои дахлдор такмил дода шуданд.

Кумаки техникии Бонки исломии рушд (23.12.с.2015) қабул карда шуд, ки дар доираи он ҷиҳати "Рушди бахши бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон оид ба заминаи танзим ва назорати бонкӣ" созишномаи грантӣ ба маблағи 250 ҳаз. долл. ИМА ба имзо расид.

Санаи 03.09.с.2015 миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки мардумии Чин созишномаи СВОП ба маблағи 3 млрд. юани хитоӣ ба имзо расид.

Дар доираи сафари кории ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон ба Швейтсария аз 7 то 10 марти соли 2016 вохӯрии ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарияти Бонки миллии Швейтсария баргузор гардид, ки дар он як қатор масъалаҳои вобаста ба ислоҳот дар соҳаи низоми бонкӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин масъалаҳои расонидани кӯмаки техникӣ ва такмили тахассуси кормандони низоми бонкӣ дар барномаҳои омӯзишӣ ҳаллу фасл карда шуданд.

Созишномаҳо байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Токио–Митсубиши оид ба лоиҳаҳои "Такмили таҷҳизоти тиббӣ ва низоми обу корез дар муассисаи ҳифзи саломатии модару кӯдак" ба маблағи 35,2 млн. йени Япония аз 16.06.2015 ва "Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Панҷ" (давраи 2) ба маблағи 256,0 млн. йени Япония аз 30.11.2015 ба имзо расиданд.

**Департаменти мониторинги молиявӣ.** Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани воситаҳои молиявӣ, ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 02.11.с.2015, №646 тасдиқ шуд.

Дастурамал "Оид ба ташкили ҳамкорӣ дар бораи табодули маълумот байни департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" таҳия гардид ва аз 04.03.с.2016 мавриди истифода қарор гирифт.

Лоиҳаи Консепсияи "Стратегияи миллии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" таҳия гардида, қабули лоиҳаи консепсияи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст.

Дар самти пешниҳоди маълумот ҳамарӯза аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, дар шакли муайяншуда тариқи барномаи коркарди маълумот "Smart Vision +" маълумот оид ба аҳд/амалиётҳои шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда ворид шуда истодааст.

Ҷиҳати назорати низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм санҷиши 23 ташкилоти қарзӣ гузаронида шуда, дар натиҷа 13 ташкилоти қарзӣ ба маблағи умумии 779 800 сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд.

Кумаки техникии Бонки осиёии рушд (бахши чорум, то 30.09.с.2016) дар самти пурзӯр намудани низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, таҳияи лоиҳаи ҳисоботи "Баҳодиҳии хавфи миллӣ" дар якҷояги бо мақомоти дахлдор идома дорад.

Бо Идораи Созмони милали муттаҳид оид ба назорати гардиши маводи мухаддир ва ҷиноятҳорӣ ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо(САҲА) барои таъсис додани маркази омӯзишӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм гуфтушунид гузаронида шуд.

10 феврали соли 2016 дар ҶСК "Агроинвестбонк" оид ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм семинар гузаронида шуд. Дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ 17 марти с.2016 дар мавзӯи "Баҳодиҳии хавфҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ" (Financial Inclusion Risk Assessment) семинар гузаронида шуд, ки дар зимни он аз тарафи коршиносони Бонки ҷаҳонӣ модули баҳодиҳии хавфҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод гардида, тарзи истифодаи он шарҳ дода шуд.

Ҳамчунин, 31 марти соли 2016 бо намояндагони мақомоти кашшофии молиявии Кореяи ҷанубӣ оид ба табодули таҷриба дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар мавзуи "Баҳодиҳии тарафайн ва баҳодиҳии хавфи миллӣ" семинар баргузор гардид.

Ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар мақомоти кашшофии молиявӣ созишномаҳои ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо департаменти ахбори молиявии Вазорати молияи Лаҳистон, маркази таҳлили амалиёт ва ҳисоботҳои молиявии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (FinTRACA) ва мақомоти кашшофии молиявии Япония ба имзо расиданд.

**Идораи омор ва тавозуни пардохт.** Маълумоти оморию бонкӣ мутобиқи талаботи байналмилалии "Стандартҳои паҳн кардани маълумоти оморӣ" дар шакли маҷалла ва тавассути низоми махсуси паҳнсозии маълумотҳои оморӣ (ICS) ба департаменти омори ХБА ирсол гардид.

3 ҳисоботи нави оморӣ – ҳисоботи 1-ИП "Интиқолҳои пулӣ аз хориҷа ба ҷумҳурӣ ва аз ҷумҳурӣ ба хориҷа", ҳисобот оид ба маблағгузории қарзии истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда ва ҳавасмандгардонии содирот, ҳисобот оид ба сохтори ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо омода карда шуданд.

Моҳи марти соли 2016 созишно-

маи ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Ҳамкории зич бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубодилаи маълумоти оморию макроиқтисодӣ ба роҳ монда шуд.

Кумаки техникии ХБА дар се давра (якум 6-17 апрели соли 2015, дуюм 12-23 октябри соли 2015 ва сеюм 11-22 апрели соли 2016) қабул карда шуд, ки дар натиҷа мутобиқ ба талаботи нашри 6-уми Дастурамали ХБА "Тавозуни пардохт ва мавқеи сармоягузориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омода гардида, ба департаменти омори ХБА барои омӯзиш пешниҳод гардид.

**Департаменти технологияҳои иттилоотӣ.** Мутобиқи дархост ва вазъи техникии ташкилотҳои қарзӣ яке аз технологияҳои муосиру пешқадам (ETL система) интихоб карда шуд ва он имкон медиҳад, ки дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) маълумотҳо аз пойгоҳи маълумот дастрас карда шаванд.

Бо ду ташкилоти қарзӣ, ки дорои НАБ-и гуногун мебошанд, раванди пайвастшавӣ ва гирифтани маълумоти зарурӣ бомуваффақият анҷом дода шуда, ҳамзамон бо НАБ-и дигар ташкилотҳои қарзӣ корҳо идома доранд. Бо мушовири татбиқи "Системаи ягонаи интиқоли маблағҳо" (NPSR) оид ба паҳлуҳои техникии низом ҳамкории наздик ба роҳ монда шуд.

Оид ба ташкили махзани ягонаи маълумот ва низоми ягонаи қабули ҳисоботҳо як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Аз ҷумла, технологияи муосир интихоб гардид, ки он бо тарзи тестӣ дар чанд ташкилоти қарзӣ кор карда истодааст; аксари ҳисоботҳое, ки аз тарафи бонкҳо ба сохторҳои Бонки миллии Тоҷикистон фиристода мешаванд, дар махзани ягона ҷойгир карда мешаванд.

Айни замон "Сиёсати амнияти иттилоотии Бонки миллии Тоҷикистон" ва "Барномаи рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" таҳия гардида, дар раванди тасдиқ қарор доранд.

**Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ.** Дар асоси тавсияҳои Барномаи баҳодиҳии бахши молиявии ҶТ (ФСАП) моҳи сентябри соли 2015 дар ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди нави мустақил - Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ таъсис ёфт.

Кумаки техникии Бонки ҷаҳонӣ (аз ноябри соли 2015 то июни соли 2018) дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар чаҳорчӯбаи барномаи дастгирииислоҳоти буҷетии ҷумҳурӣ аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ матритсаи чорабиниҳо оид ба маблағгузории сиёсат дар соҳаи рушд (ФПР) тартиб дода шуд.

**Шуъбаи ҳуқуқ.** Аз ҷониби шуъба заминаи ҳуқуқии фаъолияти воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон (низомномаҳо) вобаста ба тағйироти сохтор ва вазифаҳои нав такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок" (ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок), "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" (бо мақсади зиёд намудани ҷуброни пасандозҳои шахсони воқеӣ), Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ) таҳия шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

Бо мақсади такмили қонунгузорӣ таҳияи лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба қонунҳои соҳавӣ (қонунҳои ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон","Дар бораи таърихи қарз (кредит)", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ") омода гардиданд.

## ДУРНАМОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ МАМЛАКАТ

Барои беҳтар намудани фаъолияти низоми бонкӣ ва таъмини рушди устувори он дар солҳои минбаъда дар назар аст тадбирҳои зерин андешидаю мавриди амал қарор дода шаванд:

- дар ташкилотҳои қарзӣ такмил додани усулҳои идоракунии корпоративӣ, назорати қатъӣ нисбат ба дороиҳо, уҳдадориҳо, сатҳи пардохтпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо;
- таъмини пардохтпазирии бонкҳо бо роҳи инкишофи бозори коғазҳои қиматнок, бозори байнибонкии асъор ва захираҳои қарзӣ;
- идома додани ислоҳот дар соҳаи бонкдорӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои зиёд намудани ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ;
- дастгирии бевоситаи соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани шароити мусоид барои дастрасии маблағҳои қарзӣ;
- васеъ намудани доираи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ бо роҳи ҷорӣ намудани шаклҳои нави хизматрасонӣ;
- зиёд намудани теъдоди ташкилотҳои қарзӣ ва шуъбаҳои онҳо дар минтақаҳои дурдасти кишвар;
- вусъат додани сиёсати ягонаи амнияти иттилоотӣ;
- идомаи ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва бонкҳои хориҷӣ барои фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ.

**Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ**

# Мақсади Идораи мо- ҳимояи ҳуқуқҳои муштариёни хизматрасониҳои молиявӣ

Қабл аз ҳама бояд дарк намуд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини дастраси аҳолӣ ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бахши молиявӣ масъалаи нав нест. Бисёр ташкилотҳои молиявӣ ба хубӣ дарк намудаанд, ки дар сурати ба таври дуруст ба роҳ мондани кор хизматрасониҳои молиявӣ метавонанд дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум саҳми босазо гузоранд. Вале агар чунин хизматрасониҳо, аз ҷумла қарзҳо бе назардошти эҳтиёҷот ва имкониятҳои воқеии истеъмолкунандагон пешниҳод карда шаванд, метавонанд ба ҷойи фоида зарари зиёд ворид созанд.

Вақтҳои охир бино-



**Рукмина Сафарова,** Сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ.

> Мақсадҳои стратегии ташаккули низоми нисбатан самараноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ зиёд намудани эътимод ба бахши молиявӣ ва додани ҳуқуқ ва имкониятҳои бештар ба истеъмолкунандагон мебошанд.

бар зиёд шудани таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ассосиатсияҳои ташкилотҳои молиявӣ (АТБ ва АТМХТ) ва мақомоти назоратии кишвар зарурати аз ҷониби таъминкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати ҳимояи муштариён аз маҳсулоти потенсиалии зараровар ва таъмини муносибати одилона нисбат ба ҳамаи муштариёнро эҳсос менамоянд.

То чӣ андоза аҳамият доштани ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони (ҲҲИ) хизматрасониҳои молиявиро мақомоти танзимкунандаю ташкилотҳои муқарраркунандаи стандартҳо ва қоидаҳои тарзи рафтор дар бозорҳои молиявӣ эътироф намудаанд. Дар робита ба ин, як зумра ташкилотҳои байналмилалӣ (Бонки ҷаҳонӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ва ғ.) стандартҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро қабул кардаанд. Шумораи кишварҳое, ки методҳои нави танзимро дар соҳаи ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ ҷорӣ намуда, мақомоти назоратии махсусро таъсис медиҳанд, механизмҳои ҳалли баҳсҳоро таҳия мекунанд ва ҳамчунин барномаҳоро оид ба баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ амалӣ менамоянд, афзоиш меёбад. Бонкҳои миллӣ ба ҳайси танзимгари бозори молиявӣ дар муайян ва амалӣ намудани сиёсат

оид ба ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо тарзи рафтор дар бозорро назорат карда, ҳамчунин чорабиниҳо оид ба таҳияи стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои маърифати молиявиро ҳамоҳанг месозанд.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфтану эътироф гардидани аҳамияти ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ ҷиҳати рушди бахши молиявӣ дар маҷмӯъ, аз ҷумла инкишофи бахши бонкӣ, дар Стратегияи рушди бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 инъикос ёфтааст.

Моҳи апрели соли 2012 бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) Бонки ҷаҳонӣ бознигарии ташхисии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва маърифатнокии молиявиро дар Тоҷикистон баргузор намуд, ки он бахшҳои бонкӣ, маблағгузории хурд ва суғуртаро дар бар гирифт. Ҳадафи ин чорабинӣ муқоиса намудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ҷорӣ, сохторҳои институтсионалӣ ва фаъолияти бозор бо таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба роҳҳои тақвият бахшидани ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ дар Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Таҳлили заминаи меъёриву ҳуқуқии бахши бонкии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ нишон дод, ки дар қонунгузории амалкунанда ҳадафҳо ва самтҳои рушди соҳаи мазкур, инчунин чораҳое, ки барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ заруранд, ба таври аниқ инъикос наёфтаанд. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои институтсионалии масъули ҲҲИ тамоми бахши молиявӣ мавҷуд нестанд.

Қайд кардан зарур аст, ки БМТ барои танзим ва назорат дар бахшҳои бонкӣ ва маблағгузории хурд масъул аст, вале тибқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ он барои таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бевосита ва ба таври мушаххас масъулият ба зимма надошт.

Бинобар ин, шуруъ аз 2014 дар ҷумҳурӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бахши ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ корҳои зарурӣ рӯи даст гирифта шуданд. Тибқи тағйироте, ки моҳи июли соли 2014 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ворид шуданд, ба вазифаҳои БМТ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ (м.6) зам гардид. Инчунин ваколатҳои БМТ оид ба татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва чораҳои таъсиррасонӣ барои вайрон кардани манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ васеъ карда шуданд. (м.48).

Дар навбати худ, БМТ тағйиру иловаҳоро ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” таҳия ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Қабули тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба қонунҳои номбурда имкон медиҳанд, ки БМТ мақоми ягонаи дорои салоҳияти (мандати умумии) танзим ва назорат дар соҳаи ҲҲИ хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавии бахши молиявӣ гардад.

Ғайр аз ин, моҳи октябри соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба БМТ додани салоҳияти назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ қарор қабул кард.

Як қатор муқаррароти зарурии марбут ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчунин дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030 (СМР ҶТ), ки моҳи октябри соли 2016 қабул шуда буд, муайян гардидаанд. Ҳуҷҷати мазкур,

аз ҷумла, зарурати такмили минбаъдаи заминаи меъёриву ҳуқуқии бахши молиявӣ, баланд бардоштани дараҷаи шаффофият ва эътимод ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, таҳкими рақобати солим дар бахши молиявӣ, ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро мушаххас намуд. Дар баробари ин, Стратегияи мазкур таҳия ва иҷрои Барномаи давлатии баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолиро дар алоҳидагӣ пешбинӣ менамояд.

Қобили қайд аст, ки бо мақсади тақвият бахшидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва васеъ намудани миёнаравии молиявӣ бо роҳи таъмини сатҳи зарурии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ 1 сентябри соли 2015 дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохтории нав - Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ таъсис дода шуд, ки фаъолияти он ба рушд ва такмили минбаъдаи низоми ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ равона карда шуда буд. Мақсади асосии таъсиси Шуъбаи мазкур такмил додани заминаи меъёриву ҳуқуқии соҳаи ҲҲИ, баррасии шикоятҳо ва андешидани чораҳои дахлдор дар ҳолатҳои ошкор шудани поймолсозии манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, паҳнсозии иттилоот оид ба ҲҲИ, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ва ғайра ба шумор мерафт.

Дар муддати начандон тӯлонии фаъолияти хеш, воҳиди сохтории мазкур як қатор масъалаву муаммоҳоро, ки дар бахши хизматрасониҳои молиявӣ мавҷуд буданд, муайян ва ошкор намуда, ҷиҳати бартараф кардани онҳо чораҳои зарурӣ андешид.

Тавре дар боло қайд гардид, яке аз вазифаҳои муҳими Шуъба баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон ба шумор меравад. Аз шаҳрвандони кишвар пешниҳоду дархостҳо, аризаҳо ва шикоятҳои зиёд ворид мегардиданд. Дар онҳо мардум норозигии худро нисбат ба хизматрасониҳои молиявӣ тариқи телефони боварии Бонки миллии Тоҷикистон, бо тариқи шифоҳӣ ва хаттӣ баён менамоянд. Инчунин ҳамарӯза қабули муштариён - истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ бевосита дар Шуъба низ ба роҳ монда шудааст.

Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар муддати бештар аз якуним соли фаъолияти Шуъба зиёда аз 2230 адад муроҷиати шаҳрвандон ворид шудааст. Аз ин ҷумла, 457 адад арзу шикояти хаттӣ ба воситаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бевосита ба Бонки миллии Тоҷикистон дохил шудаанд. Як қисми зиёди пешниҳоду шикоятҳо тариқи телефони боварии бонк ва ё шифоҳӣ дастрас гардидаанд.Дар маҷмӯъ, дар ин давра ба воситаи телефони боварӣ 1426 адад ва дар рафти қабули шаҳрвандон 347 адад арзу шикоятҳои шаҳрвандон қабул карда шуданд.

Илова бар ин, ба воситаи почтаи электронии “Allomushtari”, ки дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, арзу шикояти шаҳрвандон бо мазмуну мундариҷаҳои гуногун ба кормандони шуъба дастрас мегарданд. Тамоми дархосту пешниҳодҳои муштариён ба қайд гирифта шуда, ба ташкилотҳои қарзӣ барои баррасӣ ва чораҷӯӣ ирсол гардида, иҷрои ҳар яки онҳо таҳти назорат қарор доранд.

Дар моҳҳои аввали фаъолият дар сомонаи БМТ саҳифаи алоҳида таҳти унвони “Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ” таъсис, таҳия ва ҷойгир карда шуд. Дар он маводҳои зарурӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҷой дода шудаанд ва бо пайдо шудани зарурат маводҳои нав дохил карда мешаванд.

Дар баробари ин, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, аз

ҷониби Шуъба бо дастгирии намояндагии Бонки ҷаҳонӣ якчанд маводҳои тарғиботию ташвиқотӣ (видеороликҳо) омода гардиданд. Онҳо ба мавзӯъҳои гуногуни рӯзмарра, аз қабили “Истифодаи самараноки маблағҳои тавассути интиқоли пулӣ бадастомада”, “Тарзи дурусти истифодаи маблағи қарз”, “Тарзи дурусти ташкил намудани пасандози оилавӣ” ва ғайра бахшида шудаанд. Дар назар аст, ки рӯзҳои наздик намоиши онҳоро тариқи шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон ба роҳ монем ва бо ин роҳ то ҷое имкон дорад ба мардум тарзи дуруст истифода бурдани хизматрасониҳои молиявиро омӯзонем.

Ҳамчунин бо мақсади муайян кардани шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ба муштариён, дар қисмати “Суоли рӯз”-и сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ба таври доимӣ пурсиши муштариён гузаронида мешавад. Камбудию норасогиҳое, ки дар ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ба назар мерасанд, тавассути чунин пурсишҳо муайян шуда, ба масъулини бонкҳо барои чораҷӯию, бартараф кардани онҳо ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани сатҳу сифати хизматрасонӣ дастуру супоришҳо дода мешаванд.




*Расми 1.*




*Расми 2.*

Дар баробари ин, барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии аҳолӣ, гузоштани заминаи мустаҳками молиявӣ ҷиҳати васеъ кардани имкониятҳои шаҳрвандон, Шуъба дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии кишвар, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои молиявии хурд, ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла намояндагии Бонки ҷаҳонӣ як қатор чорабиниҳои муҳими молиявӣ, семенару тренингҳо мегузаронад.

Бо мақсади зиёд намудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, баланд бардоштани савияи маърифати молиявии аҳолии кишвар, ба таври таъҷилӣ ҳаллу фасл кардани муаммоҳои ҷойдошта, муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти хеш, Шуъба дар якҷоягӣ ва бо дастгирии гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ҳуҷҷати барои имрӯз хеле муҳим “Афзалиятҳои стратегии БМТ оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии




*Расми 3.*




*Расми 4.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019"-ро (минбаъд - Стратегия) таҳия намуд. Бидуни муболиға метавон гуфт, ки санади мазкур сиёсати Бонки миллиро дар ин соҳа муайян мекунад *(Расми 1)*.

Стратегияи мазкур дар асоси таҳлили вазъи кунунӣ ва таҷрибаи мавҷуда дар кишвар, аз ҷумла заминаи ҳуқуқии амалкунандаи бахши молиявӣ, сохтори ташкилии ҷорӣ ва иқтидори мақоми танзими молиявӣ таҳия гардидааст *(Расми 2)*.

Дар ин ҳуҷҷат масъалаҳои асосии соҳаи ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ нишон дода шуда, самтҳои афзалиятнок ва чораҳое муқаррар гардидаанд, ки иҷрои онҳо ба беҳсозии бахши ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Мақсадҳои стратегии ташаккули низоми нисбатан самараноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ зиёд намудани эътимод ба бахши молиявӣ ва додани ҳуқуқ ва имкониятҳои бештар ба истеъмолкунандагон мебошанд *(Расми 3)*.

**Самтҳои асосии рушди механизми ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ, ки дар ҳуҷҷати мазкур дарҷ гардидаанд, инҳоянд:** *(Расми 4)*.

**Танзим** – муқаррар намудани қоидаҳои мувофиқ дар аксари мавридҳо, қоидаҳои ҳатмии рафтор барои ташкилотҳои молиявӣ бо мақсади таъмини ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ ва муносибати объективӣ ва одилона нисбат ба онҳо.

**Назорат** – низоми мувофиқи назоратӣ дар соҳаи ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ, ки имкони иҷрои самаровари чораҳои танзимиро фароҳам месозад.

**Баррасии шикоятҳо** – аз ҷониби истеъмолккунандагони




*Расми 5.*

хизматрасониҳои молиявӣ дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои худ тавассути низоми самарабахши баррасии шикоятҳо.

**Маърифати молиявӣ** – баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои истифодабарандагон оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ. Ин амал ба онҳо имконияти мусоид фароҳам месозад, то ки бо масъулияти баланд маблағҳо худашонро идора намоянд.

Қобили қайд аст, ки бо Қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №27 аз 31 марти соли 2017 ҳуҷҷати "Афзалиятҳои стратегии БМТ оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019" қабул ва тасдиқ гардид. Стратегияи номбурда ба БМТ, ташкилотҳои молиявӣ, ассосиатсияҳои ташкилотҳои молиявӣ ва тарафҳои дигари манфиатдор дар ҳамоҳангсозии фаъолият, ки ба зиёд намудани эътимод аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва ҲҲИ хизматрасониҳои молиявӣ дар ҷумҳурӣ равона шудааст, мусоидат менамояд.

Дар баробари тасдиқи ҳуҷҷати мазкур, шакли сохтории Шуъба низ баррасӣ гардид ва дар натиҷа Шуъба ба Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ табдил дода шуд *(Расми 5)*.

Ва ниҳоят, метавон гуфт, ки таъсиси чунин воҳиди сохтории мукаммал дар низоми бонкӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии мардум равона шудааст, аз дастовардҳои муҳими низоми бонкии мамлакат маҳсуб мешавад ва боварии комил дорем, ки он барои боз ҳам беҳтару соддатар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат хоҳад кард.

# Бонкдорони тоҷик стандартҳои бонкдории исломиро меомӯзанд

“Татбиқи стандартҳои IFSB оид ба кифоятии сармоя барои ташкилотҳои хизматрасонии молиявии исломӣ”, чунин ном дошт семинари омӯзишие, ки чанде пеш дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷараёни он мутахассисони варзидаи Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ дар давоми 4 рӯз ба намояндагони воҳидҳои сохтории БМТ, ассотсиатсияҳо, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурди кишвар стандартҳои бонкдории исломиро омӯзониданд.





Дар маросими ифтитоҳи семинар Лола Салимова, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон баргузор шудани онро барои татбиқи бонкдории исломӣ дар кишвар муҳим арзёбӣ намуд. Мавсуф таъкид кард, ки ҷамъомади мазкур бо дастгирии Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ ба роҳ монда шуда, барои ба кормандони низоми бонкии кишвар омӯзонидани таҷрибаи хизматрасонии молиявии исломӣ имконияти васеъ фароҳам меорад.

Мақсад аз баргузории ин давраи омӯзишӣ баланд бардоштани фаҳмиши мутахассисони низоми бонкӣ оид ба меъёрҳо ва қоидаҳои асосии бонкдории исломӣ ва мусоидат ба омӯзиши таҷрибаи ҷорӣ кардани ин меъёру қоидаҳо дар Тоҷикистон арзёбӣ шуд.

Ёвари Дабири кулли Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ хонум Нагва Шайх Илдин Муҳаммад Ҳусейн гуфт, ки кормандони низоми бонкии Тоҷикистон дар ин давраи омӯзишӣ яке аз муҳимтарин бахшҳои бонкдории исломӣ - стандартҳои Шӯрои хизматрасонии молиявии исломиро бо истифодаи мисолҳои амалӣ аз худ хоҳанд кард.

Бояд гуфт, ки Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB - The Islamic Financial Services Board) — ташкилоти байналмилалие мебошад, ки соли 2002 дар Малайзия бунёд шудааст ва меъёрҳои мақбули ҷаҳонии соҳаи хизматрасонии исломиро таҳия, татбиқ ва назорат мекунад.

Мутахассисони низоми бонкии кишвар зимни баргузории ин давраи омӯзишӣ мавзӯъҳои асосҳои бонкдории исломӣ, заминаи маблағгузории исломӣ ва амалиётҳои бонкии исломӣ, меъёрҳо оид ба кифояти сармояи институтҳои молиявии исломӣ, тартиби бастани шартномаҳо тибқи қоидаҳои маблағгузории исломӣ, усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар бонкдории исломӣ, қоидаҳои асосии идоракунии хавфҳо барои ташкилотҳои дорои хизматрасониҳои молиявии исломӣ, меъёрҳои мақбули ташкилотҳои қарзии исломӣ барои танзимгарон ва қоидаҳои асосии низоми идоракунӣ тибқи усулҳои исломиро омӯхта,



ба саволҳои худ дар ин мавзӯъҳо аз мутахассисони Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ посух дарёфт карданд.

Сироҷиддин Икромӣ, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар қисмати ҷамъбастии ин давраи омӯзишӣ ба кулли иштирокдорон - ҳайати намояндагии Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ, намояндагони воҳидҳои сохтории Бонки миллӣ, ассотсиатсияҳо, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди кишвар барои ширкати фаъолона аз номи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ намуд. Ӯ ин давраи омӯзиширо барои ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ дар кишвар ниҳоят муҳим арзёбӣ намуда, изҳори умедворӣ намуд, ки дар оянда маълумоти омӯхташуда барои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ ва дуруст ба роҳ мондани назорат ва танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ мусоидат хоҳад намуд.

Ҳайати Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ низ дар навбати худ барои меҳмоннавозии Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати фаъолонаи иштирокдорони семинар дар давраи омӯзишӣ изҳори сипос намуданд.

Хонум Нагва Шайх Илдин Муҳаммад Ҳусейн дар анҷоми давраи омӯзишӣ зимни ба иштирокдорон супурдани сертификати хатми омӯзиши стандартҳои IFSB гуфт, ин семинар иқдоми амалии равона кардани қувваи зеҳнӣ барои воқиф шудан аз меъёрҳои бонкдории исломӣ мебошад ва ӯ умедвор аст, ки истифодаи донишҳои азхудкардаи иштирокчиён ба ташаккул ёфтани бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Бонкдории исломӣ низоми молиявиест, ки дар асоси шариати ислом фаъолият мекунад. Дар бонкдории исломӣ хизматрасонӣ ба муштариён тибқи қоидаҳои маблағгузории исломӣ амалӣ мешавад. Тоҷикистон дар чанд соли охир талош дорад, ки дар баробари бонкдории анъанавӣ ин намуди бонкдориро низ дар кишвар ҷорӣ намояд.

Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ба тасвиб расид ва барои роҳандозии бонкдории исломӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ таъсис дода шуд. То имрӯз аз ҷониби ин Гурӯҳи корӣ якчанд лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор таҳия гардиданд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо Бонки исломии рушд ва ширкатҳои консалтингии кишварҳои исломӣ барои кормандони низоми бонкии кишвар давраҳои омӯзиши бонкдории исломиро баргузор менамояд.

**А. Мӯминов,**
**“БТҶ”**

**Барои ташкили истироҳати бофароғати фарзандонатон дар соҳилҳои зебоманзари “Баҳри тоҷик” ба**

**ҶДММ “ШОҲИН-БМТ” даъват менамоем.**









Барои маълумоти бештар ба сомонаи www.shohin-bmt.tj ташриф оваред ва
бо телефони 92-603-0020 дар тамос шавед.
Суроға: 735750, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд ,ш.Гулистон, минтақаи истироҳатӣ,
ҶДММ "Шоҳин-БМТ"

# ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ дорои шаклу намудҳои гуногун буда, хусусиятҳои ба худ хос ва таъиноти муайян дорад. Сарфи назар аз шаклу намуд ва хусусияту таъиноти мухталиф, қарз дар таъмини рушди иқтисодии кишвар, некӯаҳволӣ ва сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад. Қарзи ипотекӣ яке аз намудҳои қарз мебошад, ки самараи чандинсолаи таҳаввулоти муносибатҳои иқтисодию молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми қарздиҳии ипотекӣ аслан аз моҳияти категорияи иқтисодии «ипотека» асос ёфтааст.

Вожаи «ипотека» аз решаи калимаи юнонии «hypotheke» - гарав, чизеро гузоштан гирифта шуда, ба андешаи муаллифони фарҳангҳои муосир ҳамчун «гарави амволи ғайриманқул бо мақсади гирифтани қарз, ё қарзи ипотекӣ» [7, с.376], «гузоштани амволи ғайриманқул (замин, корхона, бино, иншоот, хона) [4, с.291], «гузоштани амволи ғайриманқул, дар назари аввал замин ва бино (иморат) бо мақсади гирифтани қарзи ипотекӣ» [6, с.158] маънидод шудааст.

Ба андешаи муаллифон, мафҳуми каме равшантари ипотекаро дар раванди қарздиҳии бонкӣ Балабанов И.Т. ворид кардааст. Ба ақидаи ӯ, «ипотека - ин багравгузории амволи ғайриманқул аз ҷониби қарзгиранда (гаравдиҳанда) барои таъмини маблағи аз қарздиҳанда (аз гаравгиранда) талабшаванда» мебошад [3, с.162]. Дар ҳамин ҷо, Балабанов И.Т. боз ба таври дигар ипотекаро мушаххастар шарҳ медиҳад: «ипотека – ин қарзи бар ивази амволи ғайриманқул гирифташуда мебошад» [3, с.162]. Аз рӯи ақидаи дуюм, ипотека ва кредит ҳамчун категорияҳои гуногуни иқтисодӣ бо ҳам тавъаманд.

Дар як қатор корҳои илмии дигар, ки ба масъалаи қарздиҳии ипотекӣ бахшида шудаанд, дар амал миёни мафҳуми «ипотека» ва «қарзи ипотекӣ» тафовут гузошта нашудааст, ки ин мавқеъгирӣ на он қадар дуруст мебошад.

Таҳти мафҳуми қарзи ипотекӣ - қарзи муайян фаҳмида мешавад (аз лотинӣ creditum – вом, қарз ва credere – эътимод, бовар кардан). Зери мафҳуми кредит «додани маблағ ва ё мол ба қарз, бо шартҳои пардохти фоиз ва дар мӯҳлати муайян баргардонидан» [5, с.344] ва зери мафҳуми қарзи бонкӣ – «аз ҷониби бонк додани қарзи пулӣ бо шартҳои баргардонидан ва пардохти фоиз» [5, с.59] фаҳмида мешавад.

**Ипотека** – ин тавассути гарави амволи ғайриманқул таъмин намудани ӯҳдадорӣ мебошад, ки қарздиҳанда ҳуқуқи қонеъ гардонидани талаботи пулии худро аз ҳисоби арзиши амволи ғайриманқул доро мебошад. Чунин тарзи фаҳмиши ипотека дар қонунгузорӣ низ инъикоси худро пайдо намудааст. Масалан, мувофиқи моддаи 362 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ипотека - навъи гаравест, ки молу мулки ба гарав гузошташуда дар тасарруфӣ ва зери истифодаи гаравдеҳ ё шахси сеюм боқӣ мемонад».

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» воситаҳои зеринро ба гарав гузоштан мумкин аст: бино ва иншоот, воҳидҳои институтсионалии ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт ва ғ. Аммо Қонуни мазкур ба гарав гузоштани фонди давлатӣ ва фонди ҷангал, заминҳои ба давлат тааллуқдошта ва дигар объектҳои ба инҳо монандро манъ кардааст. Мутобиқи муқаррароти қонуни мазкур предмети ипотека ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқули зерин буда метавонад: бино, иншоот, ҳуҷраҳо дар биноҳои бисёрҳуҷрагӣ, бӯстонсаройҳо, биноҳои таъиноти истеъмолӣ ва ғ.

Асосҳои пайдоиши ипотека шартнома оид ба амволи гарави ғайриманқул мебошад, ки бо чунин шартҳо мутобиқат мекунад: «...як тараф – гаравгир, ки аз рӯи ӯҳдадории бо ипотека таъмингардида кредитор мебошад, ҳуқуқ дорад талаботи пулии худро аз қарздор оид ба ҳамин ӯҳдадорӣ аз арзиши молу мулки ғайриманқул ё ин ки ҳуқуқи ашёии ба гарав

гузоштаи дигар тараф – гаравдеҳ қонеъ гардонад...» [2, м.2].

Қарзи ипотекӣ (бо англисӣ - mortgage credit, real estate loan) – воситаи ҷалби захираҳои молиявӣ дар намуди қарз бо гарави амволи ғайриманқул мебошад [7, с.377].

Дар низоми қарздиҳии ипотекӣ ҷойи махсусро қарздиҳии ипотекии дарозмуддат барои харид, сохтмон ё азнавсозии манзили истиқоматӣ ишғол менамояд, ки ба муштариён аз тарафи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин ширкатҳои ипотекӣ, ташкилотҳои амонатии қарзӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ, бонкҳои амонатию сохтмонӣ таҳти таъминнокии амволи ғайриманқул пешниҳод карда мешаванд.

Низоми қарздиҳии ипотекӣ барои манзил аслан дар давлатҳои Амрико ва Олмон зиёд рушд кардааст, ки модели ипотекии онҳоро дар мамлакатҳои Аврупо ва дигар кишварҳои ба ин намуди қарздиҳӣ алоқаманд, истифода менамоянд.

Низоми маблағгузории манзил дар Амрико тибқи усули қарздиҳӣ барои сохтмон ва хариди манзил асос ёфтааст, ки ин таҷриба асоси модели амрикоии ипотекаро ташкил медиҳад (ниг. ба расми 1). Қарзҳои ипотекӣ дар Амрико дорои чунин хусусиятҳо, аз қабили мӯҳлати дароз (15 то 30 сол), пардохти моҳона, фоизҳои имтиёзнок (8–12%), аз қисми асосии қарз ҳисоб намудани фоиз мебошад.

Маблағи қарз одатан 80–90%-и арзиши молу мулки ба гарав гузоштаи шударо ташкил намуда, мӯҳлати миёнаи озод намудани гарав маъмулан 8 сол мебошад. Пешпардохти қарз барои табақаи миёнаи аҳолӣ 10–20%-ро ташкил медиҳад. Ба собиқадорони




*Расми 1.* Модели амрикоии қарздиҳии ипотекӣ

қувваҳои мусаллаҳ давлат додани қарзҳои ипотекиро бе ягон пешпардохт пурра кафолат медиҳад *(Расми 1).*

Бозори молиявии ипотека дар Олмон асоси низоми таъминкунандаи захираҳои молиявии дарозмуддат барои пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ махсуб меёбад, ки он дар доираи ташкилотҳои махсусгардонидашудаи амонатӣ – қарзӣ (ипотекӣ) ташаккул ёфтааст. Хазинаҳои амонатӣ – сохтмонӣ (bausparkasse) имкон доранд, ки воситаҳои аз меъёри фоизи бозорӣ пастро ҷалб намуда, аз ин манбаъ қарзҳоро бо фоизҳои пасттар аз бозор пешниҳод созанд. Моҳияти масъала дар он аст, ки амонатгузорон ва қарздорони хазинаи амонатӣ – сохтмонӣ ҳамзамон аъзои хазина ба ҳисоб мераванд. Ҳамкорӣ бо хазина ба ду давра ҷудо карда мешавад. Аввал ин, ки аъзои хазина бо хазина шартнома баста, ӯҳдадорӣ мегирад, ки маблағҳои худро дар як давраи муайяни вакт бо даромади сатҳи поёнии муайян (яъне, аз нархҳои бозорӣ камтар) ба ихтиёри хазинадор месупорад. Дар навбати худ хазинадор ӯҳдадор мешавад, ки дар охири давраи андӯхт қарзи ипотекиро ба аъзои хазина бо фоизи пасттар аз бозор пешниҳод намояд. Маблағ ва мӯҳлати андӯхти моҳона вобаста ба қобилияти муштарӣ (аъзои хазина) муқаррар карда мешавад. Дар баробари хазинаҳои амонатӣ – сохтмонӣ, инчунин бонкҳои ипотекӣ, тиҷоратӣ, фонди нафақа, ширкатҳои суғуртавӣ ва

[1] Federal National Mortgage Association (FNMA) - Ассотсиатсияи Федералии миллии гарав (FNMA), аслан ҳамчун Fannie Mae ( FNM) машҳур шудааст – яке аз калонтарин агентиҳои амрикоии ипотекӣ мебошад. Қароргоҳаш дар ш. Вашингтон мебошад.




*Расми 2.* Модели олмонии қарздиҳии ипотекӣ

ширкатҳои сармоягузорӣ фаъолият доранд, ки онҳо мустақим ва ғайримустақим ба пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ иртибот доранд (ниг. ба расми 2).

Афзалияти назарраси модели амонатӣ – қарзӣ аз он иборат мебошад, ки он ба ҳолати бозори молиявӣ – қарзӣ вобаста набуда, балки ба сатҳи миёнаи қарзҳо дар бозор алоқаманд мебошад. Дар раванди андӯхт қобилияти пардохтпазирӣ ва сатҳи даромади муштариён омӯхта шуда, ба ин васила хавфҳои қарзӣ паст карда мешаванд. Бинобар ин, модели мазкур бо номи «Модели мустақилияти мутавозин» маъмул гардидааст.

Тавре аз моделҳои дар боло овардашуда бармеояд, низоми маблағгузории ипотекӣ дар давлатҳои Амрико ва Аврупо ба ҳамаҷониба рушд намуда, ҳатто бозори коғазҳои қиматнокро низ фаро гирифтааст. Дар низоми қарздиҳии ипотекии Дания 100%-и ӯҳдадориҳои қарзӣ ба истилоҳ «секюритизатсия»[1] карда шудааст. Дания аз лиҳози ҳаҷми коғазҳои қиматноки ипотекӣ баъди Олмон мавқеи дуюмро дар Аврупо ишғол менамояд.

Маъмулан дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ (Фаронса, Белгия, Люксембург, Нидерланд ва Монако) шакли нисбатан паҳнгаштаи манбаи қарзҳои ипотекӣ захираҳои дар намуди амонат ҷалбгардида ба ҳисоб мераванд. Ҳиссаи амонатҳо ҳамчун манбаи маблағгузорӣ барои қарзҳои ипотекӣ беш аз 60% аз ҳаҷми умумии қарзҳоро ташкил медиҳад. Дигар манбаъҳои муҳими маблағгузорӣ инҳоянд: вомбаргҳои ипотекии бонкҳо (тақрибан 20%), суратҳисобҳои амонатии манзил (5%), MBS (тақрибан 1%) ва манбаъҳои дигар - 13%.

Рушди муваффақонаи қарздиҳии ипотекӣ яке аз омилҳои таъминкунандаи ҳаракати бомароми низоми иқтисоди миллӣ, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, сохтмон ва инкишофи фондҳои суғуртаву ширкатҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти мазкур ба дараҷаи зарурӣ рушд наёфта бошад ҳам, аммо батадриҷ зиёдшавии шумораи бонкҳо, ба роҳ мондани қарзҳои ипотекӣ ва дастрасии муштариён ба онҳо (хусусан аз ҳисоби камшавии ҳаҷми пешпардохт), зиёдшавии ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат, пастшавии меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ дар кишвар тамоюли мусбат доранд. Агар дар соли 2009 ҳаҷми маблағгузории қарзии низоми бонкӣ дар маҷмӯъ 5,4 млрд. сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 9,7 млрд. сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2009 қариб ду маротиба зиёд мебошад. Меъёри фоизӣ аз рӯи амонатҳои муҳлатноки бонкҳо бо пули миллӣ 1,8 банд ва бо асъори хориҷӣ 4,6 банди фоизӣ кам гардидааст. Муҳлати миёнаи пасандозҳои муҳлатнок 268 рӯз ва муҳлати миёнаи қарзҳои бонкӣ 65 рӯз дароз гардидааст, ки ин тамоюл заминаи воқеиро барои ба вуҷуд омадани шаклҳои нави қарздиҳӣ, аз ҷумла қарздиҳии ипотекӣ фароҳам меоварад.

Воқеан, суръати афзоиши бозори ипотекӣ дар миёнаи соли 2013 авҷ гирифта, бақияи он нисбат ба соли 2012 як маротиба зиёд шуд ва ба 116,5 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар солҳои

[1]«Секюритизатсия» аз англ. securities — «коғазҳои қиматнок» - истилоҳи молиявӣ, яке аз воситаҳои ҷалби маблағгузории дарозмуддат тавассути барориши коғазҳои қиматнок.

минбаъда низ чунин тамоюли зиёдшавӣ мушоҳида мешавад. Масалан, бақияи қарзҳои ипотекӣ дар низоми бонкӣ дар соли 2014 маблағи 139,5 млн. сомонӣ ва дар соли 2015 беш аз 166 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2014 ба андозаи 26,5 млн. сомонӣ ва нисбат ба соли 2010 ба миқдори қариб 154,7 млн. сомонӣ ва ё қариб чордаҳ маротиба зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин, барои дастраси умум сохтан ва ё ба таври васеъ роҳандозӣ намудани қарзҳои ипотекӣ дар саросари мамлакат ҳоло вақти муайяне зарур аст. Зеро ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар ММД мамлакат дар соли 2015 0,34 фоизро ташкил менамояд. Ҳол он ки ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо бештар аз 34 фоизро ташкил медиҳад.

Як қатор омилҳо, ба монанди нокифоя будани таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани механизми маблағгузории ипотекӣ, нокифоя будани таҷрибаи ҳалли фаврии масъалаҳои ситонидан ва мусодираи амвол, пайдо кардани объекти гарави мувофиқ, ноустувории фазои берунии бизнеси бонкӣ, нокифоя будани барномаи аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи рушди ипотека, норасоии усулҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои самаранокии қарздиҳии ипотекӣ ва дараҷаи хавфи амалиётҳои ипотекӣ, мавҷуд набудани низоми рушдкардаи суғуртакунонӣ ва ғайра боиси ривоҷ наёфтани қарздиҳии ипотекӣ дар мамлакат гардидаанд.

Қабл аз ҳама, дар низоми бонкии Тоҷикистон механизми қарздиҳии ипотекӣ, низоми мувофиқкардашудаи мақсаднок, ҳаҷми зарурии захираҳои дарозмуддат ва воситаи идоракунии онҳо, қоидаҳои муайяни маблағгузории дарозмуддати субъектҳо зарур мебошад. Дар сурати ташаккул ва таҳияи чунин механизм, таваҷҷуҳи асосиро барои ба даст овардани барномаи коркардашудаи методӣ ва баҳодиҳии фаъолияти самараноки механизм равона сохтан зарур мебошад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, зарурияти ба роҳ мондани қарзҳои ипотекиро дар низоми қарзии мамлакат лозим шуморида, пешниҳодоти худро барои рушди минбаъдаи он тақвият бахшидани як қатор механизмҳоро манзур медорем:

1. Фароҳам овардани имтиёзҳои таҳрикдиҳанда ва ҳавасмандкунандаи иштирокчиёни раванди қарздиҳии ипотекӣ, аз қабили имтиёзҳои андозӣ, содда намудани низоми бақайдгирии амалиётҳои нотариалӣ ва монанди инҳо аз тарафи давлат;
2. Ташкили низоми бозории маблағгузории манзил, рушди бозори аввалиндараҷа ва дуюминдараҷаи қарздиҳии ипотекӣ;
3. Бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳким бахшидани низоми амалиётҳои ипотекӣ;
4. Ҷалби васеи сармоягузориҳои хориҷӣ ва истифодаи онҳо дар ин самт;
5. Истифодаи таҷрибаи ғанӣ ва босамари хориҷӣ ва таҳияи механизми ба шароити иқтисоди миллии кишвар мувофиқ;
6. Таҳияи усулҳои муносиби баҳодиҳии нишондиҳандаҳои самаранокии қарзҳои ипотекӣ;
7. Таҳияи роҳу усулҳои пасткунии дараҷаи хавфи амалиётҳои ипотекӣ;
8. Камтар кардани ҳаҷми пешпардохти қарзи ипотекӣ ва ғ.

Ҳамзамон, дар рушди минбаъдаи қарздиҳии ипотекӣ дар кишвар нақши бонкҳои минтақавӣ назаррас буда метавонад. Зеро дар сурати роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии минтақавӣ мо метавонем, манбаъҳои иловагии захираҳои молиявиро ҷалб намуда, бахри рушди амалиётҳои бонкӣ, аз ҷумла қарздиҳии ипотекӣ равона созем.

**Сарбоз Фаррухзода,**
сардори шуъбаи методология ва маркетинги Департаменти қарздиҳии БДА ЧТ "Амонатбонк"

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008. № 364.
3. Балабанов И.Т. Экономика недвижимости. – СПб.: Питер, 2002. –208 с.
4. Борисов А. Б. Большой экономический словарь. – изд-е 2-ое перераб. и доп. – М.: Книжный мир, 2004. – 860 с.
5. Борисов А.Б. Большой экономический словарь. – М.: Книжный мир, 2002. –895 с.
6. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. – М.: ИНФРА-М, 2004. – 480 с.
7. Финансово-кредитный энциклопедический словарь / Под ред. А.Г. Грязновой. – М.: Финансы и статистика. – 2002. – 1168 с.
8. Зарубежные модели ипотечного кредитования и их применение в России. Лотвинова С. А. // Аудит и финансовый анализ (журнал). – 6'2011.
9. Бюллетени омори бонкӣ. Январи 2015, № 1(234)

Ба Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон,
ки бо мақсади гузаронидани курсҳои баланд кардани
ихтисоси кормандони соҳаи бонкӣ сохта шудааст, хуш омадед!





## Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳили зебоманзари обанбори Гулистон "Баҳри тоҷик" ҷойгир аст.








**Синфхонаҳои таълимӣ дорои таҷҳизотҳои мултимедӣ буда, дар онҳо лексия-суҳбатҳо, семинарҳои мавзӯӣ, мизҳои мудаввар, бозиҳои корӣ, дарсҳои телевизионӣ ва ғайра гузаронидан мумкин аст.**

Нишонии мо:
Вилояти Суғд, ш. Гулистон. Тел.: +(992 44) 630-45-99; +(992 44) 630-45-92;
Моб.: +(992 92) 787-57-70; e-mail: info@tcnbt.tj; www.tcnbt.tj